*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№51 (12535)
17 декабри
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

16.12.2025, шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои муҳим боз як соли таърихӣ гардид.

Моҳи марти соли 2025 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне, чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар фазои озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

Дигар рӯйдоди таърихӣ – ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад соли охир ҳалношудаи байни ду давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо имзои шартнома дар бораи муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ мебошад.

Ҳамчунин, шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкориҳои судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро фароҳам месозанд.

Соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии худ ҷиҳати амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро мизбонӣ намуд.

Қобили зикр аст, ки рӯзи 12-уми декабри соли ҷорӣ бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист қатъънома доир ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» қабул карда шуд.

Бо ташаббуси дигари кишвари мо қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид.

Илова бар ин, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж баёнгари эътирофи ташаббусҳои Тоҷикистон мебошад.

Он ҳам боиси ифтихор аст, ки ки 12-уми декабри соли ҷорӣ бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардид.

Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Тайи даҳ соли охир, яъне, дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд.

Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт.

Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла, 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид.

Дар ин давра маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд.

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

## ДАР ИН ШУМОРА:

7 — Вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик
8-9 — Паём – роҳнамо ва қутбнамои фаъолият
10 — Шинохти асолати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ
11 — Фарҳанги мутолиаро такмил бояд бахшид
12 — Ҳалли масъалаҳо доир ба олимпиада
13 — Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар кӯдакистон
14 — Устодони забонҳои хориҷии ман
15 — Дастури муфид оид ба назарияи адабиёт

## ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз нововариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK

TELEGRAM

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расид, яъне 26 фоиз зиёд гардид ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 ба 77 сол расид.

Дар ин муддат сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт.

Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонии соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне, беш аз шаш баробар афзоиш ёфт.

Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026-2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид.

Амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад.

Дар ин давра рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз, аз ҷумла, истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат 20 фоиз, кишоварзӣ 8,4 ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 11,7 фоиз афзоиш меёбад.

Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барои ноил гардидан ба афзалиятҳои рушд амалисозии саривақтӣ ва пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030-ро таъмин намоянд.

Ҳоло дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмону азнавсозии иншооти энергетикиву нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, тавсеаи хизматрасониҳо, густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд.

Соли 2025 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил дод.

Дар баробари ин, моро зарур аст, ки суръати рушди иқтисоди миллиро дар соли 2026 на кам аз 8 фоиз ва солҳои минбаъда низ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таъмин намоем.

Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро тақвият бахшад.

Дар ин раванд, ба идоракунии самараноки корхонаҳои давлатӣ, рушди иқтисоди «сабз» ва «даврагӣ», гузариш ба модели иқтисодии ба донишу навоварӣ асосёфта, рушди сармояи инсонӣ ва пешгирӣ кардани таъсири тағйирёбии иқлим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд.

Парламенти кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯӣ намояд.



Дар ин раванд, Хадамоти алоқа вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати амалисозии иқдомоти созанда дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», инчунин, дар асоси ҳадафу вазифаҳои стратегии кишвар лоиҳаи «Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Зарур аст, ки ҷиҳати бо интернети баландсуръат таъмин намудани аҳолӣ ва рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла, таҷдиди хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва зиёд намудани хатҳои байналмилалӣ чораҳои фаврӣ андешида шаванд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадоранд, ки якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд.

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷиҳати пурра ҷорӣ намудан ва оммавӣ гардонидани сомонаи ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад.

Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем.

Як мисоли одӣ:

Дар солҳои гузашта, яъне, то ҷорӣ намудани технологияҳои муосири ҳисоб ва пардохти неруи барқ – низоми рақамии биллингӣ дар ҳисоботи шабакаҳои барқ 30-40 фоизи аҳолӣ ҳаққи истифодаи неруи барқро пардохт намекард.

Баъд аз ҷорӣ шудани низоми нави биллингӣ 100 фоизи аҳолӣ ҳамчун пурра пардохткунандаи ҳаққи истифодаи неруи барқ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки қаблан таҳти таъсири омилҳои инсонӣ ё сӯиистифода аз мансаб аз тарафи баъзе кормандони соҳа пардохтҳо пурра ба ҳисоб гирифта намешуданд ва талафоти беасоси неруи барқ ба таври сунъӣ ба зиммаи аҳолӣ ва дигар гурӯҳҳои истифодабарандагони неруи барқ гузаронида мешуд.

Танҳо дар шаҳри Душанбе дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми рақамии биллингӣ дар 11 моҳи соли равон талафот 13 фоизро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 7 банди фоизӣ кам мебошад.

Дар моҳи октябри соли ҷорӣ сатҳи талафот дар шаҳри Душанбе то 5,1 фоиз аз 15,1 фоизи октябри соли 2024, яъне, 10 банди фоизӣ кам карда шуд.

Талафоти неруи барқ дар кишвар дар 11 моҳи соли ҷорӣ 3 миллиард киловатт-соатро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 500 миллион киловатт-соат кам шудааст.

Дар ин муддат беш аз 100 ҳазор муштариёни нав ба қайд гирифта шуда, ба низоми энергетикӣ якуним миллиард сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

Талафот дар шаҳри Душанбе дар 11 моҳи соли ҷорӣ аз 20 ба 13 фоиз ва дар моҳи октябр то 5 фоиз кам шудааст.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд.

Инчунин, таъкид месозам, ки пурра ҷорӣ намудани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло дар мамлакат ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли молҳо 80 фоиз ва шуғли аҳолӣ 70 фоизро ташкил медиҳад ва он ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди кишвар эътироф гардидааст.

Ҳукумати мамлакатро бояд ҷиҳати осон намудани дастрасии бахши хусусӣ ба захираҳо, хизматрасониҳои давлатӣ, иттилоот, воситаҳои арзони молиявӣ, технологияҳо ва донишҳо барои баланд бардоштани рақобатнокӣ, таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таҳкими мавқеъ дар бозорҳои ватаниву хориҷӣ тадбирҳои муассир андешад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои стратегии давлат корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, хусусан, сармояи мустақим бояд вусъат дода шаванд.

То имрӯз барои такмили маъмурикунонии андоз, тавсеаи ҳамкориҳои фосилавӣ бо шаҳрвандону андозсупорандагон ва густариши иқтисоди рақамӣ дар доираи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025» як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ карда шуданд.

Тадбирҳои амалигардида ба рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ, содагардонии иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, инчунин, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва болоравии фарҳанги андозсупории соҳибкорон мусоидат намуданд.

Бо дарназардошти идомаи ислоҳот ва зарурати тақвияти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки Барномаи нави рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2026-2030-ро дар муҳлати кӯтоҳ қабул ва татбиқ намояд.

Ҳамзамон бо ин, вазорату идораҳо доир ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандону андозсупорандагон чораҳои иловагӣ андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар самти таъмин намудани рушди босуботи мамлакат ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 50 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 65 фоиз ё 20 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Бо вуҷуди ин, вазъи мураккабу пешгӯинашавандаи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки низоми молиявии кишварро ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуда, самаранокии идоракунии молияи давлатиро боз ҳам баланд бардорем.

Махсус таъкид менамоям, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ бояд ба натиҷаҳои аз ҳар вақти дигар бештар нигаронида шавад.

Вазорати молия бояд якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин ҷода тадбирҳои иловагӣ андешад.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки барои тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки ба муомилот баровардани коғазҳои қиматноки «сабз» ва ташкили бозори такрории фаъолу шаффофи онҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт мебошад.

Ҳамзамон бо ин, бояд Стратегияи рушди бозори сармоя таҳия ва қабул карда шавад.

Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст. Вале ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои

*(Давомаш дар саҳ.3)*

**Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи Тоҷикистонро дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» қабул намуд.**

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 1-2)*

арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод менамоям, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад.

Инчунин, барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардум ба тавсеаи имкониятҳои дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ зарур аст, ки механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекиро такмил дода, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми чунин қарзҳо ба аҳолӣ тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

**Вакилони муҳтарам!**

Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019-2025), яъне, дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Аз ҷумла, дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи маъдан аз 7,7 миллиард сомонии соли 2020 ба 26 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида, афзоиши ин нишондиҳанда 3,4 баробар таъмин карда шуд.

Агар дар соли 1991 дар соҳаи маъдан танҳо 3 номгӯйи маҳсулот (тилло, нуқра ва хокаи сурб) истеҳсол гардида бошад, пас дар соли 2025 ба 17 номгӯй расонида шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳоло истеҳсоли тилло назар ба соли 1991-ум 7 баробар, нуқра 6 баробар ва хокаи сурб 9 баробар зиёд гардидааст.

Тадбирҳои дар самти саноатикунонии босуръати кишвар андешидашуда имкон доданд, ки дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дуюним баробар афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 66 миллиард сомонӣ расонида шавад.

Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод.

Ба идомаи ин раванд, Вазорати саноат ва технологияҳои нав бо истифода аз тамоми иқтидору имкониятҳо рушди воқеии солонаи соҳаро дар давоми панҷ соли минбаъда бояд дар сатҳи на кам аз 25 фоиз таъмин намояд.

Дар ин росто, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нав барои коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, хусусан маъдан, металлҳои ранга ва нодиру қиматбаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва рустаниҳои шифобахш тадбирҳои иловагӣ андешида, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот зиёд карда шавад.

Ҳукумати мамлакат Барномаи нави саноатикунонии босуръати кишварро барои солҳои 2026-2030 ва Барномаи рушди истеҳсолу ғанигардонии металлҳои ранга, нодиру қиматбаҳо ва дигар ашёи хоми муҳимро қабул ва амалӣ гардонад.

Дар баробари ин, ҷиҳати таъмин намудани истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои зеризаминӣ, тақвияти назорати давлатӣ, мусоидат ба рушди устувори соҳаи истихроҷ ва геологияи кишвар чораҳои иловагиро татбиқ намояд.

Вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Саридораи геология ва Кумитаи андоз якҷо бо дигар вазорату идораҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолият дар соҳаҳои зикршударо таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созанд.

Дар санадҳои таҳияшаванда масъалаҳои вобаста ба фарогирии пурраи оморӣ, содагардонии расмиёти давлатӣ, аз ҷумла, иҷозатномадиҳӣ, такмили тартиби андозбандии захираҳои табиӣ ва ҳалли мушкилоти дигар бояд равшан инъикос карда шаванд.

Хотирнишон менамоям, ки дар раванди амалисозии ин вазифаҳо диққати махсус ба рушди саноати сабук, коркарди амиқи маҳсулот ва истеҳсоли металлҳои нодир ва муҳим равона карда шавад.

Дар 10 соли гузашта соҳаи энергетикаи кишвар ба маблағи беш аз 60 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ шудааст, ки дар натиҷа иқтидорҳои истеҳсолии неруи барқ дар ҳаҷми 1017 мегаватт афзоиш ёфт.

Танҳо аз ҳисоби таҷдиду навсозии неругоҳҳои амалкунанда иқтидорҳои истеҳсолӣ 200 мегаватт зиёд гардид.



Аз ҷумла, соли 2025 корҳои таҷдиду навсозии неругоҳи барқи обии «Қайроққум» ба маблағи 1,8 миллиард сомонӣ пурра анҷом дода шуда, иқтидори истеҳсолии он аз 114 мегаватт ба 174 мегаватт, яъне, 60 мегаватт зиёд карда шуд.

Дар баробари афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, як қатор лоиҳаҳои муҳимми дигар, аз ҷумла, бунёди зеристгоҳҳои нави барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ амалӣ карда шуданд.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар 7 миллиард киловатт-соат ё 40 фоиз зиёд гардида, аз 17,2 миллиард киловатт-соати соли 2015 ба 24,2 миллиард киловатт-соат дар соли 2025 расонида шуд.

Мо мушкилоти мардуми шарифи Тоҷикистонро дар шароити маҳдудияти муваққатии интиқоли неруи барқ ба хубӣ медонем.

Ин ҳолат аз як тараф, натиҷаи афзоиши аҳолӣ ва тавре ки болотар гуфта шуд, зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ, афзудани истеъмоли неруи барқ ва аз тарафи дигар, таъсири камбориш омадани тирамоҳи имсола ва кам гардидани воридшавии об ба обанбори неругоҳҳои барқи обии мамлакат мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 1 миллиону 300 ҳазор хонаи истиқоматии нав сохта шуда, беш аз 8 миллиону 400 ҳазор нафар сокинон шароити зисти худро беҳтар кардаанд.

Танҳо дар 7 соли охир дар мамлакат 2600 корхонаи нави истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз кардааст, ки ин ҳама боиси афзоиши истеъмоли неруи барқ гардидааст.

Илова бар ин, тавре, ки дар боло гуфта шуд, талафоти неруи барқ ҳоло ҳам зиёд буда, беш аз 3 миллиардро ташкил медиҳад.

Ҳукумати мамлакат барои бартарафсозии ин мушкилот тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Ҳоло корҳои лоиҳавии сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт – 250 мегаватт дар вилояти Суғд ва 250 мегаватт дар вилояти Хатлон оғоз гардида, то моҳи августи соли 2026 ба истифода супорида мешаванд.

Инчунин, моҳи сентябри соли 2027 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ба кор даровард мешавад ва истиқлоли энергетикии кишвар таъмин мегардад.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо раванди сохтмони неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро пайваста идома медиҳад.

Ҳоло дар иншооти мазкур 18 ҳазору 600 нафар коргар, яъне, сохтмончиён ва кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият доранд ва шумораи техника, яъне, мошину механизмҳо зиёда аз 3900 ададро ташкил медиҳад.

Барои идомаи босуръати корҳои сохтмон дар неругоҳ соли равон аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд ва то имрӯз қариб 60 фоизи корҳои сохтмони неругоҳ ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳукумати мамлакат, тамоми роҳбарону масъулин ва сохтмончиёни ин иншооти бузург вазифадоранд, ки сохтмони неругоҳро бо масъулияти баланд ва босифат вусъат бахшида, иҷрои супориши додашударо ҷиҳати дар моҳи сентябри соли 2027 ба кор даровардани агрегати сеюми неругоҳ, яъне, расидан ба истиқлоли энергетикиро таъмин намоянд.

Тибқи таҳлилҳо, талабот ба неруи барқ дар дохили мамлакат сол ба сол афзоиш ёфта, соли 2030 нисбат ба соли 2025-ум 31 фоиз зиёд мегардад.

Дар ин раванд, барои таъмин намудани талаботи афзояндаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо неруи барқи доимӣ ва устувор, дар баробари бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, инчунин, истифодаи сарфакоронаи неруи барқ нақши калидӣ дорад.

Бисёр муҳим аст, ки дар ин ҷода ҳамаи гурӯҳҳои истеъмолкунандагон сарфаю сариштакор бошанд.

Мо тасмим гирифтаем, ки дар давоми ду соли оянда бо ҷалби сармояи мустақим дар кишвар якҷанд неругоҳи барқи офтобиро бо иқтидори умумии 1500 мегаватт мавриди истифода қарор диҳем.

Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла, роҳбарияти Вазорати энергетика ва захираҳои об вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқи офтобӣ тақвият бахшида, барои татбиқи саривақтии лоиҳаҳо тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Инчунин, корҳоро оид ба пурра ҷорӣ намудани низоми муосири биллингӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ дар шабакаҳои барқии кишвар ҳарчи зудтар ба анҷом расонанд.

Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ буда, имкон дорад, эҳтиёҷоти марказҳои бузурги ҳисоббарории зеҳни сунъиро бо неруи барқи «сабз» ва оби хунук таъмин созад.

Аз ин рӯ, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба мақсади истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди рушд доир ба таъсиси Корпоратсияи миллии зеҳни сунъӣ, Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ ва маҷмааи марказҳои коркарди «маълумоти сабз» (дата – сентрҳо) чораҷӯӣ намояд.

**Дӯстони азиз!**

Бо вуҷуди тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, ҳарорати баланди ҳаво соли 2025 дар натиҷаи заҳмати софдилонаи кишоварзони мамлакат суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ба 8,5 фоиз расида, фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин карда шуд.

Ҳамчунин, сатҳи ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз 60 фоизи соли 2015 то 85 фоиз дар соли 2025 зиёд гардид.

Яъне, кишоварзони мамлакат, хусусан, дар шароити номусоиди обу ҳавои соли ҷорӣ, аз ҷумла, хокборишҳои шадид софдилона заҳмат кашида, бозори истеъмолиро бо маҳсулот таъмин карда истодаанд.

Бинобар ин, ба ҳамаи кишоварзон, деҳқонон, мутахассисони соҳа ва аҳолӣ, ки бо заҳмати содиқонаву ватандӯстона ва истифодаи оқилонаи обу замин маҳсулоти ғизоӣ истеҳсол мекунанд, сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Тибқи маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, то соли 2030 зиёда аз 500 миллион нафар дар саросари ҷаҳон аз гуруснагӣ азият хоҳанд кашид.

Дар соли 2024 шумораи одамони дар сатҳи гуруснагии доимӣ қарордошта то 670 миллион нафар афзоиш ёфт.

Итминон дорам, ки бо дарназардошти чунин шароити ногувор кишоварзони мамлакат боз ҳам бештар заҳмат кашида, бо истифодаи самаранок аз ҳамаи имкониятҳо, аз ҷумла, обу замин ҳосили фаровон мерӯёнанд ва амнияти озуқавории кишварро беҳтар таъмин менамоянд.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки лоиҳаи қонун дар бораи сиёсати аграриро таҳия ва пешниҳод намояд.

Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо дарназардошти нақши соҳаи пахтакорӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, истеҳсоли ашёи хом барои рушди саноати сабуку хӯрокворӣ ва афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулот механизми таъмин намудани рушди устувори соҳаи пахтакориро ҷорӣ намояд.

Инчунин, Барномаи давлатии рушди инноватсионии соҳаи пахтакорӣ барои солҳои 2026-2030-ро таҳия ва

*(Давомаш дар саҳ. 4)*

*Чу бадхоҳӣ ба кас, аз ғам бикоҳӣ,*
*Набинӣ ҳеҷ бад, гар некхоҳӣ.*
*Носири Хусрав*



# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 1-3)*

амалӣ созад.

Вазоратҳои адлия, кишоварзӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук ҷиҳати дастгирии соҳаи пахтакорӣ то ба эътидол омадани вазъи соҳа пешниҳодҳои заруриро доир ба ворид намудани тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муҳлати ду моҳ ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Таъкид менамоям, ки ҳавасмандгардонии фаъолияти самараноки хоҷагиҳои пахтакор масъалаи муҳим дар ин самт мебошад.

**Вакилони муҳтарам!**

Барои беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ҳоло татбиқи 16 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11,3 миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2025-ум дар доираи лоиҳаҳои зикршуда ба маблағи умумии зиёда аз 5,4 миллиард сомонӣ 236 километр роҳҳои мошингард ва дигар иншооти роҳу нақлиёти мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ бунёдгардида ба истифода дода шуданд.

Роҳҳои Обигарм – Нуробод ва Роғун ба дарозии умумии 87 километр, 109 километр роҳи Қалъаихумб – Ванҷ, 40 километр роҳҳои байналмилалӣ дар вилояти Суғд, 30 пули хурду бузург, 5 нақб ва 6 долони зидди тарма ба дарозии 13 километр аз ҷумлаи иншооти зикршуда мебошанд.

Ҳоло бунёди 50 километр роҳи Данғара – Гулистон, 33 километр роҳи Гулистон – Фархор ва боз 12 километр роҳҳои байналмилалӣ дар вилояти Суғд ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2025 сохтмони пули калонтарин дар кишвар аз болои обанбори неругоҳи барқи обии «Роғун» ба дарозии 920 метр ва 3 пули мошингузар ба дарозии 368 метр оғоз гардид, ки маблағи умумии онҳо 900 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Соли 2026 сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои мошингарди байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

Роҳҳои Ваҳдат – Обигарм 70 километр, Гулистон – Кӯлоб 33 километр, Хоруғ – Рошткалъа 39 километр, Мурғоб – Кулма 67 километр, Балҷувон – Сари Хосор 55 километр, Хистеварз – Конибодом (Арка) 10 километр, 11 километр роҳи таворавии шаҳри Кӯлоб ва 5 пули мошингард дар роҳи Лаби Ҷар – Сангвор аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати идомаи бунёд ва таҷдиди роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва назорати сифати иҷрои корҳои лоиҳавӣ вусъат бахшад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати ташкили марказҳои нақлиётиву логистикӣ, азнавсозии парки нақлиёти роҳи оҳан ва инфрасохтори он чораҷӯйӣ намояд.

Ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати азнавсозӣ ва ба шароити муосири хидматрасонӣ мутобиқ гардонидани фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб тадбирҳои зарурӣ андешад.

Қобили зикр аст, ки тайи се соли охир дар кишвар беш аз 3 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, 2,6 ҳазор километр аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ бунёду таҷдид гардида, ҳоло ин иқдоми нек бомаром идома дорад.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорон ва мардуми шарифи Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар таҷдиду сохтмони роҳҳо, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ва дигар корҳои ободониву бунёдкорӣ аз самими қалб миннатдорӣ баён менамоям.

Дар баробари ин, зарур аст, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои марбута ташаббусҳои созандаи соҳибкоронро дар самти бунёди иншооти иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда, риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмонро таъмин намоянд.

Ба замми ин, истифодаи санъати баланди меъморӣ, унсурҳои милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи босифати сохтмон роҳандозӣ карда шавад.

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва тадбирҳои солҳои охир амалигардида ба рушди ин соҳаҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.

Масалан, агар ҳиссаҷудокунии молиявӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ дар



соли 2024 ба маблағи 20,9 миллиард сомонӣ таъмин гардида бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2026 дар ҳаҷми 29,5 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 8,7 миллиард сомонӣ ё 41,8 фоиз зиёд мебошад.

Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям.

Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаҳои калидиро мунтазам зиёд менамояд ва ҳар сол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне, соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад.

Ба мақсади таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, яъне, гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ тақозои замон мебошад.

Бинобар ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки доир ба ин масъала ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Тибқи таҳлилҳо 25 соли оянда шумораи хонандагон дар Тоҷикистон ба чор миллион нафар мерасад.

Бинобар ин, мо бояд барои ҳарчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне, омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯйӣ намоем.

Ба ин мақсад, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки вазъи амалишавии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030-ро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, онро тибқи ҳадафҳои нави дар ин самт гузошташуда такмил диҳад.

Соли 2019 дар Паёми Роҳбари давлат солҳои 2020-2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон шуда буд, ки аз он замон шаш сол сипарӣ гардид.

Ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва Палатаи ҳисоб супориш дода мешавад, ки натиҷаҳои шашсолаи татбиқи чорабиниҳои тасдиқгардидаро ҳамаҷониба таҳлил карда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиву монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ба хотири ҳарчи зудтар ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ ворид гардидани маорифи Тоҷикистон соли 2004 ба низоми кредитии таҳсилот гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат оғоз гардид ва соли 2014 ҳамаи муассисаҳои зикршуда ба ин низом гузаронида шуданд.

Вақти он расидааст, ки бурду бохти низоми зикршуда аз ҷониби гурӯҳи коршиносон таҳлилу баррасӣ гардида, зимни супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм омилҳои инсонӣ пурра аз байн бурда шаванд.

Сохтору мақомоти зикргардида, аз ҷумла, Маркази миллии тестӣ дар муддати ду моҳ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент доир ба ин масъала маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин, аз ҷониби гурӯҳи босалоҳияти корӣ вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русӣ ва англисӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳлилу баррасӣ гардида, ҷиҳати боз ҳам тезонидани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат хулосаҳои асоснок пешниҳод карда шаванд.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат карда, бори дигар таъкид намоям, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад.

Асри 21 – асри пешрафти илму техника ва технологияҳо мебошад.

Мо дида истодаем, ки давлатҳои мутамаддину тараққикардаи дунё ба чӣ дастовардҳо ноил шуда истодаанд.

Имрӯз онҳо аз офтоб барқ истеҳсол мекунанд.

Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд.

Мо бояд талош намоем, ки онҳо дар зиндагии ояндаи худ, яъне, ҳаёти мустақилонаашон азият накашанд.

Фаромӯш набояд кард, ки вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат гирифтор мешавад, ки чунин ҳолат оқибатҳои даҳшатбор дорад.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта тамоми соҳаҳо, хусусан, илму маорифро даҳҳо сол ба ақиб партофт.

Дар робита ба масъалаҳои илму маориф мехоҳам иброз намоям, ки омӯзиши пиряхҳо яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ ва ҷузъи сиёсати давлатии мо мебошад.

Соли 2025 бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва солҳои 2025-2034 «Даҳсолаи илмҳои криосфера» эълон гардиданд.

Аз ин лиҳоз, ман аз ҳамаи сохторҳои дахлдор даъват менамоям, ки фаъолияти илмӣ ва амалиро дар ин самт густариш дода, дастовардҳои худро дар арсаи байналмилалӣ васеъ муаррифӣ намоянд.

Мавзуи ҳифзи пиряхҳо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ дорад.

Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳо»

*(Давомаш дар саҳ. 5)*

**Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи таъсиси парки саноатӣ дар Тоҷикистон ба тасвиб расид.**

КАЛОМИ ПЕШВО

# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 1-4)*

ба Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил дода шавад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, киояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад.

Мо ба ин масъалаи муҳим ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар даҳ соли охир 150 иншооти соҳаи фарҳангро сохта, ба истифода додем ва 350 иншооти дигари соҳаро таъмиру азнавсозӣ кардем.

Ҳамчунин, дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бузургтарин иншооти соҳа – Театри миллиро бо шароиту имкониятҳои муосир бунёд карда истодаем, ки туҳфаи Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар ва аҳли фарҳангу ҳунар ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва завқи бадеии аҳолии мамлакат, хусусан, ҷавонону наврасон аз ҷониби муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар даҳ соли сипаригардида 900 номгӯй адабиёти бадеиву бачагона нашр ва ба китобхонаҳо дастрас карда шуд.

Дар ин давра бо дастури Роҳбари давлат 3 миллиону 200 ҳазор нусха китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба аҳолии мамлакат ройгон туҳфа карда шуд.

Мероси таърихиву фарҳангӣ шиносномаи миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Вале бо вуҷуди он ки ёдгориҳои бостонӣ зиёда аз 70 фоизи ин меросро ташкил медиҳанд, дар кишвар қонуни соҳаи бостоншиносӣ мавҷуд нест.

Вобаста ба ин, масъулини соҳаро зарур аст, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дар муҳлати кӯтоҳтарин таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Соли равон бо саъю талошҳои кишвари мо 11 ёдгории мероси фарҳангии Хуттали қадим (дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Восеъ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон) ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Дар ин радиф, аз ҷониби ЮНЕСКО қабул шудани қатъномаҳо дар мавриди эътирофи шаҳри Панҷакент ҳамчун «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ» ва бузургдошти 1050-солагии Робиаи Балхӣ дар солҳои 2026-2027 далели ҷойгоҳи хоссаи меросу арзишҳои фарҳангиву маънавии тоҷикон дар тамаддуни умумибашарӣ мебошад.

Ҳамчунин, танзими ҳамоишҳо зери унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) боиси ифтихору сарбаландии миллати ориёии мо мебошад.

Дар ин росто, мо бояд барои ҳифзи арзишҳои моддиву ғайримоддии миллати худ муаррифии шоистаи онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем.

Аз ҷумла, бо дарназардошти саҳми таърихии Борбади Марвазӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг ҷиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи ӯ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Борбад, ки дар асрҳои шашуму ҳафтуми мелодӣ – дар замони давлатдории Сосониён – зиндагӣ ва эҷод кардааст, аз ҷониби олимону коршиносони маъруфи дунё ҳамчун яке аз аввалин донандагони илми мусиқӣ ва оҳангсози касбии қаламрави ориёӣ эътироф гардидааст.

Мусаллам аст, ки тоҷикон яке аз миллатҳои фарҳангиву тамаддунсози дунё мебошанд.

Боиси ифтихори мост, ки гузаштагони некноми мо – ориёиҳо ба ҷаҳониён забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бою рангоранги баштардӯстона, аз ҷумла, Наврӯз, инчунин, анъанаҳои пешрафтаи давлатдорӣ, яъне, тамаддуну фарҳанги ҷовидонаро ба мерос гузоштаанд.

Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем.

Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки аҷдоди хирадманди мо «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор додаанд.

Воқеан, Наврӯз, ки имрӯз мақоми



байналмилалӣ гирифтааст, Меҳргон, Сада ва Тиргон, ки таҷассумгари андешаҳои инсондӯстӣ ва бузургдошти табиат мебошанд ва анъанаҳои давлатдории гузаштагони ориёни мо, ки дар таърихи башарият нақши мондагору таъсиргузор бозидаанд, асоси ҳувияти ва асолати мо – тоҷикон мебошанд.

Бинобар ин, ба Ҳукумати мамлакат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастур дода мешавад, ки ҷиҳати дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бунёд намудани Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Ҳамчунин, бо дарназардошти фалсафаю ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннату анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд карда шавад.

Итминон дорам, ки амалӣ намудани иқдомоти зикршуда далели раднопазири таъриху фарҳанги беш аз шашҳазорсолаи мо – тоҷикон мегардад.

Академияи миллии илмҳо, дигар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби олимону донишмандон консепсияи марказҳои зикршударо дар асоси анъанаҳои меъморӣ ва шаҳрсозиву шаҳрдории бостонии тоҷикон таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар даҳ соли охир дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1300 иншооти соҳаи тандурустӣ ба маблағи беш аз 5,3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Агар маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2015-ум 1 миллиарду 37 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2025 ба 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ расонида шуд.

Яъне, буҷети соҳа дар ин давра беш аз 4,2 баробар зиёд гардида, дар даҳ соли охир 26 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, гузариш ба низоми ғайринақдии пардохти хизматрасониҳо ва дигар масъалаҳои соҳаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати татбиқи ислоҳоти навбатӣ ва бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешад.

Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи Барномаи давлатии рушди саноати дорусозиро барои солҳои 2026-2030 таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, хусусан, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат мебошад.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҷиҳати таъмин намудани самаранокии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Илова бар ин, аз ҷониби роҳбарони тамоми сохторҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳаллу фасли масъалаҳои ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнатӣ, таъминоти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ, фаро гирифтан ба шуғли пурмаҳсул ва дигар кафолатҳои давлатии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои зиёди қувваи корӣ буда, афзоиши он дар давоми даҳ соли охир ду фоизи солона, яъне беш аз 880 ҳазор нафарро ташкил додааст.

Ҳар сол дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар зиёда аз 200 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуда, беш аз 150 ҳазор нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба бозори меҳнат ворид мегарданд.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар сохторҳои марбута ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати давлат дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ бояд чораҳои судманд андешида шаванд.

Ба шуғли расмӣ ҷалб кардани аҳолии қобили меҳнат, таъмин намудани кафолатҳои меҳнатии кормандон, баҳисобгирии дақиқи қувваи корӣ, тақвияти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва дар ин замина баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон масъалаҳои муҳимтарин дар ин самт мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳо вазифадоранд, ки татбиқи самарабахши нишондиҳандаҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатиро ҷиҳати дар панҷ соли оянда таъсис додани 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи корӣ ва дар ин раванд баланд бардоштани нақши соҳибкории хурд, косибӣ ва ҳунарҳои мардумиро таъмин созанд.

Дар ин росто, ба масъалаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони марказҳои таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус, дар навбати аввал, занон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои аҳолии ба дастгирии иҷтимоӣ эҳтиёҷманд бояд эътибори хосса дода шавад.

Бо дарназардошти имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва зарурати боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ супориш медиҳам аз 1-уми сентябри соли 2026:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 25 фоиз, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ аз 1-уми сентябри соли 2026 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи тавӯруми соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон

*(Давомаш дар саҳ. 6)*

**Дар мактабҳои олии Федератсияи Россия зиёда аз 27 ҳазор донишҷӯи тоҷик таҳсил доранд.**

Бадӣ мори гурза-ст, аз ӯ дур бош,
Ки бад бадтар аз мори гурза газад!
Носири Хусрав



# ПАЁМИ

## Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 1-5)*

индексатсия (зиёд) карда шаванд.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷода минбаъд низ тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо сиёсати давлатии кор бо ҷавононро ҳамчун самти калидӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ намуда, барои самаранок амалӣ гардидани он аз тамоми имкониятҳо истифода карда истодаем.

Зеро ҷавонони мо неруи асосии пешбарандаи ҷомеа мебошанд ва мо бо ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии онҳо ифтихор мекунем.

Имрӯз ҷавонони мо бо кору фаъолияти созандаи худ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоламон саҳми бузург доранд.

Ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки ҷавонон дар он нақши фаъол надошта бошанд.

Бовар дорам, ки ҷавонони бонангу номуси даврони истиқлол дар пешрафти иқтисоди миллӣ, тараққиёти давлат ва ободии Ватани худ минбаъд низ саҳми арзишманд мегузоранд.

Мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳаёти кӯдакон ва наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият барои онҳо, яъне наслҳои ояндасози миллат ва Ватан минбаъд низ чораҷӯйӣ менамоем.

Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ масъалаҳои марбут ба занонро дар меҳвари фаъолияти рӯзмарра қарор дода, барои рушди ин самти муҳим мунтазам тадбирҳои судманд меандешад.

Мо нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ мекунем ва аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди ояндаи ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем.

Масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва мо ин сиёсатро дар оянда низ идома медиҳем.

Бовар дорам, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, риояи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла, сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки онҳо дар масъалаи муқовимат ба бегонапарастиву хурофот ва исрофкориву зиёдаравӣ дар сафи пеши ҷомеа қарор мегиранд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад.



Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад.

Таъмин будани амнияти ҷомеа, суботи сиёсӣ, сулҳу ваҳдат ва волоияти қонун кафолати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад.

Маҳз сулҳу субот, амнияту осоиш ва волоияти қонун имкон дод, ки мо рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии кишварро таъмин карда, сатҳи некуаҳволии халқро баланд бардорем.

Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва волоияти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад.

Инро бояд хурду бузурги мамлакат дар хотир дошта бошанд.

Бинобар ин, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд вазифаи худро дар самти ҳимояи суботу оромии ҷомеа, амнияту осоиши давлат ва мардуми Тоҷикистон бо садоқат ба давлат ва халқи кишвар таъмин намоянд.

Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии онҳо дар шароити ноорому буҳронии ҷаҳони муосир мебошад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани шароити кору зиндагии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳои иловагӣ андешад.

**Ҳамватанони азиз!**

**Вакилони муҳтарам!**

Вазъи мураккаб дар манотиқи гуногуни дунё, шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба хотири аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мавҷи нави «ҷанги сард», ярокнокшавии бошитоб, заиф гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар равандҳои пуртазод дар арсаи байналмилалӣ ҳамоно мояи нигаронӣ боқӣ мемонад.

Дар чунин шароит моро зарур аст, ки дар баробари иштироки фаъол дар равандҳои глобалӣ, дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба саъю талошҳоямон барои расидан ба ҳадафҳои созанда – пойдории сулҳу субот ва таъмини амнияти фарогир тақвият бахшем.

Зимни татбиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо фаъолияти байналмилалии худро ба хотири тавсеаи равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон бар пояи усулҳои эътимод, эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар ва сиёсати «дарҳои кушода» минбаъд низ идома хоҳем дод.

Ҳамзамон бо ин, барои рушду таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод ва фарҳангиву башарӣ тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон ба тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳо ва ниҳодҳои шарик таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар заминаҳои гуногун дар оянда низ саъю талош хоҳад кард.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Дар паёме, ки имрӯз пешниҳод гардид, дастовардҳои кишвари азизамон дар солҳои охир мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Ҳамаи ин дастовардҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми шарифи Тоҷикистон мебошанд.

Соли 2026 барои мо соли таърихӣ – соли ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аст.

Яъне, Тоҷикистони куҳанбунёд, аммо тозаистиқлоли мо 35-сола мешавад.

Тайи панҷ соли охир тамоми қишрҳои ҷомеа ҷиҳати сазовор истиқбол намудани ин санаи таърихӣ сарҷамъона заҳмат кашида, корҳои бузургро анҷом дода истодаанд.

Аз 29 ҳазор иншооту биноҳои ба ифтихори ҷашни 35-солагӣ ба нақша гирифташуда то имрӯз 26 ҳазори онҳо ба истифода дода шудаанд, ки беш аз 70 фоизашон аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандон мебошад.

Бовар дорам, ки то ҷашни муқаддаси миллӣ шумораи онҳо аз 30 ҳазор мегузарад.

Бо истифода аз фурсат, ман бори дигар ба ҳамаи соҳибкорону шахсони саховатпеша ва шаҳрвандони ватандӯсту заҳматкарин, бонангу номус ва масъулиятшиноси мамлакат самимона сипосу миннатдорӣ изҳор менамоям.

То рӯзҳои ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ вақти хеле кам мондааст.

Мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем.

Ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бояд бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд.

Ин раванди ободонӣ ва тозакорӣ бояд тамоми қаламрави кишварро то дурдасттарин деҳоти он фаро гирад ва ба як кори маъмулӣ табдил ёбад.

Яъне, ҳар як фарди ҷомеа бояд ба ифтихори ин ҷашни муқаддас барои пешрафти давлати худ ва ободии Ватани азизи хеш кори некеро анҷом дода, созандаву бунёдкор ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани миллати тоҷикро нишон диҳад.

Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд.

Дар шароити буҳрониву нооромe, ки ҷаҳони имрӯза қарор дорад, ҳифзи истиқлолу озодӣ, заҳмат ба хотири пешрафти давлат ва ободии Ватан вазифаи аввалиндараҷаву ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат маҳсуб меёбад.

Пас биёед, ҳама якҷову ҳадафмандона, бо рӯҳияи баланди миллӣ, шукргузориву ифтихор аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва фарҳангу тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош намоем.

Бо доштани чунин фарҳангу тамаддуни бостонӣ мо набояд ба таассубу ифротгароӣ ва тақлид ба фарҳанге, ки бароямон бегонаву хатарбор аст, роҳ диҳем.

Азбаски чор сол пеш доир ба 35-солагии истиқлол қарор қабул карда будем, пешниҳод менамоям, ки соли 2026 соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ эълон карда шавад.

Ман ба ояндаи неку дурахшони Ватани соҳибистиқлоламон ва иродаи қавии мардуми заҳматпешаву сарбаланди он эътимоди комил дорам.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, ки дар 34 соли сипаришуда рӯзҳои бисёр сахту сангинро бо сабру таҳаммул ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ паси сар кардаанд, қудрату имкониятҳои азими созандагӣ доранд ва маҳз ҳамин неруи азими созандаву ободгар фардои дурахшони Ватани азизамонро таъмин месозад.

Итминони комил дорам, ки мо ҳама аҳлонаву сарҷамъона минбаъд низ ба хотири рушду пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон ва ободии Ватани азизамон заҳмат мекашем, ба ҳамаи ҳадафҳои некамон мерасем ва ба нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Ин қарзи милливу имонӣ ва вазифаи инсониву шаҳрвандии ҳар яки мост!

Дар ин ҷода, ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, шумо – вакилони мардумӣ ва ҳозирини арҷманд, пеш аз ҳама, сулҳу оромӣ, саломативу хушбахтӣ, хонаи обод, саодати рӯзгор ва комёбиву барори кор орзумандам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва муваффақ бошед, ҳамватанони азиз!**

*www.president.tj*

**Номинатсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Фарҳанги суманакпазӣ» ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид.**

**ҲАФТАИ ВАЗОРАТ**

# Вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик

10 декабри соли 2025 дар Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия таҳсил доранд, вохӯрӣ ва суҳбати озоду самимӣ анҷом дод.

Зимни мулоқот вазири маориф ва илм иброз дошт, ки донишҷӯён ояндаи кишвар ва неруи илмӣ ва касбии он мебошанд. Баландии сатҳи дониш ва малакаҳои касбии донишҷӯён дар рушди иқтисод, илм ва соҳаи иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад.

Вазир таъкид намуд, ки имкониятҳои таҳсили байналмилалӣ, ки донишҷӯён имрӯз истифода мебаранд, натиҷаи сиёсати ҳамоҳангшуда ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия намунаи равшани ҳамкории стратегӣ ва натиҷаи сиёсати хирадмандонаи ду давлат – Тоҷикистону Россия мебошад. Сарони ду давлат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин заминаи устувор барои рушди захираи инсонӣ ва густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмиро муҳайё кардаанд. Ин вазъият ба донишҷӯёни мо имкон медиҳад, ки дар муҳити пешрафтаи академӣ таҷриба ва малакаҳои сатҳи байналмилалӣ ҳосил намоянд.




Зимни мулоқот маълумот дода шуд, ки дар соли таҳсилии 2024-2025 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия 8177 шаҳрванди Тоҷикистон қабул гардиданд. Дар маҷмӯъ, дар Федератсияи Россия 27 490 донишҷӯи тоҷик таҳсил доранд, ки ин нишонаи таваҷҷуҳи баланди ҷавонони тоҷик барои таҳсил дар Федератсияи Россия мебошад.

Дар суҳбати худ бо донишҷӯён вазир таъкид намуд, ки солҳои таҳсил дар Федератсияи Россия барои донишҷӯён давраи рушди касбӣ, афзоиши таҷриба, мустаҳкам намудани дӯстӣ мебошад. Донишҷӯёни мо бояд Тоҷикистонро дар берун аз кишвар муваффақона муаррифӣ кунанд, ҳамчун мутахассисони тавоно ва боэътимод ба рушди кишвар саҳмгузор бошанд.

Дар рафти мулоқот донишҷӯён фаъолона вобаста ба дастгириву ғамхории пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шароит, имкониятҳои таҳсил ва ғайра ибрози назар намуданд. Ҳамзамон, онҳо вобаста ба масъалаҳои гуногуни таҳсил саволҳои худро ба вазир пешниҳод карданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ вазири маориф ва илм ба донишҷӯён саломатӣ, барору комёбиҳо дар таҳсил ва дастовардҳои назаррас орзу намуда, таъкид кард, ки онҳо бояд донишгоҳро бо сари баланд хатм карда, ба Ватан баргарданд ва дар рушду пешрафти кишвари азизамон фаъолона саҳм гузоранд.

# Суханронии вазир дар ҳамоиши сатҳи баланд

11 декабри соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо даъвати расмӣ дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами таҳсилоти фарогир дар ҷаҳон: замина, сиёсат ва амалия», ки дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баргузор гардид, иштирок ва дар қисмати пленарӣ суханронӣ намуд.

Конференсия таҳти сарпарастии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, Комиссияи Россия оид ба корҳои ЮНЕСКО ва Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия ба номи Патрис Лумумба баргузор шуда, беш аз 500 иштирокчӣ аз 50 кишвари ҷаҳон ва намояндагони вазоратҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар он ҳузур доштанд.




Вазири маориф ва илм зимни суханронии худ ба аҳаммияти таҳсилоти фарогир ба ҳайси ҷузъи муҳимтарини сиёсати маориф таъкид намуда, зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла, кӯдакони дорои ниёзҳои махсус тамоми чораҳоро андешидааст. Вазир, инчунин, аз дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, таъкид намуд, ки дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат дар самти таҳсилоти фарогир тамоми чораҳои зарурӣ амалӣ шудааст.

Дар ҳамоиш баромадҳои дигар низ сурат гирифта, иштирокчиёни конференсия таҷрибаи кишварҳои худро дар самти таҳсилоти фарогир муаррифӣ намуданд. Конференсия имконият дод, ки Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун ҷонибдори ташаккули ҷомеаи баробар ва фарогир дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунад ва ҳамзамон, таҷрибаи амалии худро дар бахши таҳсилоти фарогир бо дигар давлатҳо мубодила намояд.

Таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон дорои заминаи мустаҳками қонунгузорӣ мебошад. Қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ҳуқуқи ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла, онҳое, ки ба гурӯҳҳои осебпазир шомиланд, ба таҳсил ва дастрасӣ ба имкониятҳои баробарро таъмин мекунанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2024) «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» тасдиқ шуда, таваҷҷуҳ ба бартарафсозии ҳама гуна табъиз ва беҳтарсозии муҳити таълимӣ равона шудааст. Айни ҳол дар кишвар 4 муассисаи томактабӣ ва 15 мактаб-интернат барои кӯдакони дорои имконияти маҳдуд фаъолият доранд, ки зиёда аз 3000 кӯдакро фаро гирифтаанд.

Ҳадафи асосии конференсия тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсилоти фарогир, мубодилаи таҷриба, ҳамоҳангсозии талошҳои илмӣ ва педагогӣ ва таҳияи тавсияҳо барои беҳтар намудани дастгирӣ ба хонандагони гурӯҳҳои осебпазир арзёбӣ гардид. Дар кори ҳамоиш диққати махсус ба ташкили муҳити фарогири таълим барои кӯдакони дорои маълулият, муҳоҷирон ва намояндагони халқҳои бумӣ дода шуд. Ин чорабинӣ имконият фароҳам овард, ки кишварҳо таҷрибаи пешрафтаи худро мубодила намуда, роҳҳои нави ҳамкориро барои рушди таҳсилоти фарогир пайдо кунанд.

# Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ

11 декабри соли 2025 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар ҳошияи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами таҳсилоти фарогир дар ҷаҳон: замина, сиёсат ва амалия», ки дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баргузор гардид, бо вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия Валерий Николаевич Фалков мулоқот доир намуд.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро дар самти таҳсилоти олӣ, аз ҷумла, густариши робитаҳои академӣ, табодули донишҷӯён ва устодон, инчунин, таҷрибаомӯзии мутахассисон барои баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва сифати таҳсил баррасӣ карданд.

Дар мулоқот таъкид шуд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи маориф дорои заминаҳои мустаҳкам буда, дар доираи онҳо ташкили барномаҳои муштараки таҳсил, рушди лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дастгирии марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ идома меёбад. Ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими минбаъдаи ин иқдомҳо ва васеъ кардани робитаҳои таълимӣ ва илмӣ изҳор намуданд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо изҳори боварӣ карданд, ки ҳамкориҳои дуҷониба на танҳо ба таҳкими муносибатҳои дӯстона, балки ба рушди устувори таҳсилоти олӣ ва илмии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия низ мусоидат хоҳад кард.

# «Нобиғаи наврас»

11 декабри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маросими ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии «Нобиғаи наврас» миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузор гардид.

Чорабинӣ бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, муовини якуми ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Нахтулло Айнулозода, ҳайати роҳбарият ва кормандони маркази ҷумҳуриявӣ, омӯзгорон ва наврасони лаёқатманд аз вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ доир гардид.

Зимни суханронӣ муовини вазири маориф ва илм бо такя ба сиёсати маорифпарваронаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, рушду такомули тафаккури насли наврас ва омода намудани кадрҳои баландихтисос аҳаммияти басо калон дорад.

Озмуни мазкур бо мақсади ҷалби хонандагон ба илмҳои дақиқ, дарёфти истеъдодҳои нав, таҳкими тафаккури муҳандисӣ ва баланд бардоштани қобилияти таҳлилӣ ташкил гардида, аз чор марҳала – мактабӣ, ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иборат буд.

Дар тамоми марҳалаҳо зиёда аз 2720 нафар хонандаи фаъол ва соҳибистеъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар даври ҷумҳуриявӣ хонандагон аз рӯйи чор номинатсия – математика, физика, химия, биология иштирок карданд. Тибқи натиҷаи баҳогузории ҳайати ҳакамони озмун, омодагии довталабон дар сатҳи баланд буд.

Дар анҷоми чорабинӣ ғолибон ва иштирокчиёни фаъол аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо ифтихорнома, медал ва тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Куллиёт»-и осори устод Мирзо Турсунзода рӯнамоӣ гардид.**

*Ҳар кӣ бадкорӣ кунад, ногаҳ ниҳад бар хок сар,
Ҳар кӣ бадаҳдӣ кунад, ногаҳ диҳад бар бод ҷон!*
*Абдулмалики Муиззӣ*



**Муқаддима**

Ҳамасола Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки дар он масъалаҳои муҳимми сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, вазифаҳои мушаххас ҷиҳати рушди тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим муайян карда мешаванд ва он ҳамчун дастури роҳнамо ва дурнамои фаъолият хидмат мекунад. Дар Паёмҳои Сарвари давлат ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, чунки маҳз бо рушди ин соҳаи калидӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад пайвастаю бомаром рушду пешрафт карда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Аз ин рӯ, Паёми Пешвои миллат-



забонҳои хориҷӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Омӯзиш ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ба насли наврасу ҷавон имкон медиҳад, ки Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ба тарзи шоиста муаррифӣ намоянд ва дар ҳифзи арзишҳои миллию давлатӣ саҳми арзанда гузоранд. Бинобар ин, дар Паёмҳои Пешвои миллат масъалаи забономӯзӣ дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дошта, омӯзгорон вазифадор мегарданд, ки дар раванди таълим масъулияти бештар эҳсос намоянд ва бо баргузории дарсҳои рангину ҷолиб шавқу рағбати муҳассилинро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ бештар кунанд. Хонандагону донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки барои мутахассиси соҳибкасб, варзида ва ҷавобгӯ ба талаботи замон шудан донистани забонҳои хориҷӣ ногузир мебошад.

# ПАЁМ – РОҲНАМО ВА ҚУТБНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

ро ҳамасола аҳли ҷомеа, махсусан, кормандони соҳаи маориф бо рӯҳбаландӣ пазируфта, самтҳои фаъолияти минбаъдаи худро дар асоси он муайян менамоянд. Паёмҳои Пешвои миллат ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва қутбнамои фаъолияти тамоми соҳаҳо маҳсуб ёфта, тавассути онҳо самтҳои асосии рушди соҳаҳои гуногун муайян гардида, ҷомеа ба марҳалаҳои нави рушду пешрафт роҳнамоӣ карда мешаванд. Таҳлилу баррасии Паёмҳо нишон медиҳанд, ки Пешвои миллат вобаста ба соҳаҳои маориф ва илм масъалаҳои муҳиммро ба миён мегузоранд, ки тадриҷан роҳи ҳалли худро ёфта, ба пешрафтҳои чашмгир дар соҳаҳои мазкур боис мегарданд. Бинобар ин, Паём на танҳо ҳуҷҷати сарнавиштсоз, балки омили муваффақият ва такмилбахши соҳаҳои маорифу илм мебошад. Ба ин маънӣ, дар заминаи Паёмҳои Пешвои миллат вобаста ба соҳаҳои маориф ва илм иҷрои як қатор тадбирҳо ва вазифаҳои мушаххас муайян гардида, дар асоси онҳо корҳои шоиста амалӣ карда шудаанд. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (16.12.2025) таъкид карданд: «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаҳои калидиро мунтазам зиёд менамояд ва ҳар сол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад».

**Рушди маблағгузорӣ ва мавқеи устувори омӯзгорон**

Яке аз масъалаҳои муҳим ва мавриди таваҷҷуҳи рӯзафзуни Пешвои миллат маблағгузорӣ ба соҳаи маориф мебошад. Дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамасола ҳаҷми маблағгузорӣ ба ин соҳаи меҳварии кишвар бамаротиб зиёд карда мешавад. Ин омил имкон фароҳам овард, ки инфрасохтори соҳаи маориф такмил ёфта, шароити мусоиди таълиму тарбия барои наврасону ҷавонон беҳтар гардад. Дар Паём (16.12.2025) зикр шуд: «Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне, соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад».

Ҳоло дар арсаи ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое дохил мегардад, ки маблағгузории устувор ва мунтазамро ба соҳаи маориф таъмин менамоянд. Ин нукта дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) чунин таъкид ёфтааст: «Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд».

Маълум аст, ки дар меҳвари таълиму тарбия омӯзгорон қарор доранд, зеро онҳо заминаи асосии вусъатбахши таълиму тарбия дар кишвар мебошанд. Аз ин ҷост, ки ҳамасола музди меҳнати омӯзгорон афзун мегардад. Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 20 маротиба маоши омӯзгорон баланд бардошта шуд, ки ба беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии онҳо мусоидат менамояд. Инчунин, барномаҳои мушаххаси давлатӣ ҷиҳати дастгирии омӯзгорон ва мақоми устувори онҳо дар ҷомеа қабул шудааст. Дар Паёмҳои Пешвои миллат пайваста масъулияту рисолати бузурги омӯзгорон дар таълиму тарбия таъкид мегардад ва ба нақши онҳо дар тақвияти рӯҳияи худшиносиву худогоҳии миллии наврасону ҷавонон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҳамчун омили муҳимми таъмини ҳифзи ҳуқуқҳо ва таҳкими мавқеи қонунии омӯзгорон дар ҷомеа арзёбӣ мешавад. Маҳз чунин тадбирҳои судманд боис гардидаанд, ки имрӯз мақоми омӯзгор, сатҳи таълиму тарбия баланд ва фаъолияти самаранокии соҳаи маориф таъмин карда шавад.

**Таваҷҷуҳ ба бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот**

Нуктаи дигари муҳимме, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат ба тарзи равшан ифода меёбад, бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Имрӯз дар тамоми гӯшаву канори мамлакат бунёди кӯдакистон ва мактабҳои замонавӣ бо беҳтарин шароит ва таҷҳизот бомаром идома дорад. Аз ҷумла, дар замони соҳибистиқлолӣ бунёд гардидани 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (то соли 2024 дар назар аст) далели равшани рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024) таъкид намуданд, дар маҳалҳое, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман муассисаҳои томактабӣ бунёд карда шаванд, ки ин тадбир барои фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсил ва баланд гардидани сифати таълим мусоидат менамояд. Ба ин мазмун, Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2024) зикр намуданд: «… дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд».

Мусаллам аст, ки Пешвои миллат зимни сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳатман мактабҳои нави замонавиро ба истифода медиҳанд ва бо омӯзгорону хонандагон суҳбатҳо доир менамоянд. Ба ин мазмун, чанде пеш дар шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзода муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумиро мавриди истифода қарор доданд. Дар зимн, дар шаҳри Турсунзода бо хонандагон суҳбати самимӣ анҷом дода, таъкид намуданд, ки онҳо ба омӯзишу мутолиа бештар машғул шаванд ва ба ин хотир тамоми шароити таълиму тарбия фароҳам гардида, Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба роҳ монда шудааст. Ин иқдом хонандагонро вазифадор менамояд, ки бештар ба омӯзиши асарҳои бадеӣ машғул шаванд, то суханвару сухандон ва дорои донишу ҷаҳонбинии васеъ бошанд.

Тамоми талошу пайкор ва тадбирҳои судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона гардидааст, ки сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ пайваста баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, дар Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардидааст. Аз ин ҷост, ки иштироки хонандагону донишҷӯёни тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ бештару беҳтар гардида, Тоҷикистон дар ин самт дар қатори давлатҳои пешсаф қарор мегирад. Аз ин дастовардҳои муҳассилини тоҷик ҳамарӯза тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳ мешавем. Дар зимн, устодону омӯзгорон бо истифода аз технологияи навин ва усулҳои фаъоли таълим ҳамвора талош менамоянд, ки шавқу рағбати толибилмонро ба омӯзиш ва аз худ намудани барномаҳои таълимӣ бештар намоянд.

**Забономӯзӣ – калиди муваффақият**

Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисӣ аҳаммияти бештар касб намудааст. Оне ба муваффақияту комёбӣ ноил мегардад, ки пеш аз ҳама, бо забонҳои хориҷӣ такаллум карда тавонад ва аз донишҳои замони муосир бархӯрдор бошанд. Бинобар ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаҳои аввали таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар роҳандозӣ шудааст. Дар ин самт Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст, ки дар асоси он дар муассисаҳои таълимӣ корҳои назаррас анҷом дода мешаванд.

Имрӯз ҳамкориҳои Тоҷикистон бо аксари кишварҳои ҷаҳон вусъат ёфта, ин раванд дар ҳамаи самтҳои ҳаёт татбиқ мегарданд. Дар чунин шароит донистани

**Фанҳои дақиқ – рушдбахши тамоми соҳаҳо**

Омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат ба онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019) таъкид намуданд, ки солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд. Дар ин замина, корҳои зиёде анҷом дода шуда, омӯзиши ин фанҳо ба марҳалаи сифатан нав ворид гардид. Маҳз азхудкунии фанҳои бунёдӣ имкон медиҳад, ки иқтисоди кишвар ба тарзи ҳамаҷониба рушд ва такомул ёфта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ заминаи устувор фароҳам оварда шавад. Ин раванд, ҳамчунин, шароити мусоидро барои дар авлавият қарор гирифтани омӯзиши фанҳои бунёдӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсил муҳайё месозад.

Зимни омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ба хонандагон имкон фароҳам меояд, ки ба ихтироъкорӣ, навоварӣ ва тафаккури техникӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд ва дар оянда корҳои муҳимми илмиву амалӣ анҷом диҳанд, зеро омӯзиши фанҳои дақиқ мустақиман бо рушди ин қобилиятҳо иртибот дошта, заминаи ташаккули мутахассисони баландихтисосро фароҳам меорад. Дар ин самт дар ҷумҳурӣ барномаҳои муҳимми давлатӣ қабул гардида, баҳри омӯзиши бомароми фанҳои мазкур тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

**Озмунҳо – омили муҳимми дарёфти истеъдодҳо**

Роҳандозии озмунҳои бонуфузи «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз ибтикороту ташаббусҳои судманди Пешвои миллат ба ҳисоб мераванд. Мусаллам аст, ки озмунҳои мазкур имконоти мусоидро барои омӯзиш, худтакмилдиҳӣ ва фарогирии донишҳои муосир фароҳам овардаанд. Баргузории чунин озмунҳо шавқу рағбати хонандагон ва донишҷӯёнро ба омӯзиш бештар намуда, доираи мутолиаву ҷаҳонбинӣ ва истеъдоду қобилиятҳои зеҳнии онҳоро ҳамаҷониба инкишоф медиҳад. Имрӯз ҳангоми ворид шудан ба китобхонаҳо ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки хонандагону донишҷӯёни зиёде ба омӯзиш ва мутолиа машғуланд. Инчунин, озмунҳои мазкур имкон фароҳам меоранд, ки наврасону ҷавононии боистеъдоду лаёқатманд дарёфт ва ба тарбияву ба камол расонида шаванд.

Озмунҳои мазкур барои хонандагон ва донишҷӯён ҷиҳати муаррифӣ ва рушд додани истеъдодҳои худ заминаи мусоид ба вуҷуд оваранд. Имсол низ озмунҳо дар сатҳи баланд баргузор ва ҷамъбаст гардида, беҳтаринҳо қадрдонӣ шуданд.

Ҳамзамон, баргузории озмунҳои «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» дар

ҲАМОВОЗӢ

соли 2023 ва роҳандозии озмуни «Шоҳномахонӣ» дар соли 2026 собитгари онанд, ки масъалаи баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, шинохти таъриху фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар меҳвари сиёсати давлати соҳибистиқлоли мо қарор дорад. Аз ин рӯ, дар Паёмҳои Пешвои миллат масъалаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, дӯст доштани Ватан ва бахри таҳкими истиқлолу ваҳдати миллӣ талош намудани аҳли ҷомеа, бахусус, хонандагону донишҷӯён дар меҳвар гузошта шудаанд.

**Илм неруи тавоност**

Маълум аст, ки ба ҷаҳони муосир суръати баланди рушду такомул хос аст. Дар чунин шароит омӯзиши илм ва фановарӣ яке аз воситаҳои муҳимми рушди мамлакат мебошад, зеро илм неруи тавоно ва муҳаррики асосии пешбарандаи тамоми соҳаҳои ҳочагии халқ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар замони соҳибистиқлолӣ ба соҳаи илм ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳим аз ҷониби Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд. Имрӯз илми тоҷик ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, олимон ва муҳаққиқон бо анҷом додани пажуҳишҳои бунёдӣ, аз як ҷониб, ба пешрафти иқтисоди миллӣ саҳм мегузоранд ва аз ҷониби дигар, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд.

Дар Паёмҳои Пешвои миллат масъалаи рушди илм ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дорад. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон дорои захираҳо ва сарватҳои ғании табиӣ буда, аз имконоти муҳимми иқтисодӣ бархӯрдор мебошад, зарур аст, ки таваҷҷуҳ ба он самтҳои илм равона гардад, ки ба рушди иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ мебахшанд. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2024) аз ҷумла, масъалаи рушди зеҳни сунъӣ ва татбиқи он дар соҳаҳои гуногун ба миён гузошта шуд. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки дар ин самт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ихтисосҳои нав таъсис ёфта, мактабҳои олӣ ва марказҳои махсуси илмӣ ба фаъолият оғоз кардаанд, ки барои рушди зеҳни сунъӣ ва корбасти он дар амал заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҷаҳони муосирро неруи зеҳнӣ идора мекунад ва маҳз омӯзишу таҳқиқи мавзуъҳои муҳимми замонавӣ моро ба марҳалаҳои нави рушд ворид месозад. Қабули ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти зеҳни сунъӣ бори дигар собит менамояд, ки кишвар ба илмҳои муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи он тадбирҳои мушаххас меандешад.

Устувории ҷомеа ва пешрафти давлат ба рушди илм иртиботи зич дошта, олимон ва пажуҳишгарон вазифадоранд, масъалаҳо ва мавзуъҳоеро таҳқиқ намоянд, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ буда, барои таҳкими иқтисоди миллӣ саҳми муассир гузоранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо илм ҳамчун неруи тавоно дар таҳкими истиқлолу ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои иттилоотӣ нақши барҷаста мебозад. Аз ин рӯ, олимон ва пажуҳишгарон ганҷинаи тиллоӣ ва сарвати бебаҳои давлат ба ҳисоб рафта, нақш ва рисолати онҳо дар пешрафти Ватани азизамон - Тоҷикистон басо бузург мебошад.

**Хулоса**

Паёмҳои Пешвои миллат нақши муҳим дар фаъолият ва дурнамои рушди кишвар доранд ва омили асосӣ барои расидан ба сатҳи баланди пешрафт дар ҳамаи соҳаҳо маҳсуб меёбанд. Ҳамаи он нуктаҳое, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат зикр мешаванд, тадриҷан роҳҳои ҳалли худро меёбанд ва барои тараққиёти кишвар заминаи устувор фароҳам меоранд. Бинобар ин, Паёмҳои Пешвои миллат на танҳо як барномаи сиёсӣ ё ҳуҷҷати сарнавиштсоз, балки омили муҳимми рушди кишвар дар ҳамаи арсаҳо ба ҳисоб рафта, дар таҳкими истиқлолу ваҳдати миллӣ, тақвияти фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқ ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ нақши бориз доранд. Дар низоми давлатдории навин Паём падидаи муҳими сиёсӣ буда, дар ҳама самтҳо ҳамчун омили ҳалкунанда ва роҳнамо ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат дар Паёмҳои худ тамоми соҳаҳоро ба таври ҷиддӣ таҳлил ва тавсияҳои амалиро барои рушди устувор пешниҳод мекунанд, ки онҳо ба фаъолият ва таҳкими давлатдории кишвар мусоидат менамоянд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат (16.12.2025) ба соҳаҳои илму маориф диққати махсус зоҳир карда, вазифаҳои мушаххас ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият ва рушди ин соҳаҳои ҳаётан муҳим ба миён гузошта шуд. Ба ин маънӣ, Паёмҳои Пешвои миллат на танҳо ҳуҷҷати сиёсӣ, балки дастури роҳнамо барои пешрафти ҳамаҷонибаи кишвар ба ҳисоб мераванд.

*Насриддин ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

ҲАМОИШ

# Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад

***Бо ташаббуси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия дар меҳмонхонаи «Crowne Plaza»-и шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии «Муқовимат ба коррупсия дар соҳаи тиҷорат» баргузор гардид.***

Директори агентӣ Сулаймон Султонзода таъкид намуд, ки мақсад аз ташкил ва баргузории форуми мазкур, пеш аз ҳама, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия дар бахши хусусӣ, саҳми он дар мубориза ба ин зуҳуроти номатлуб, баррасии масъалаҳои муҳимми соҳа, таъмини шаффофият ва пошнатӣ дар тиҷорат, ҳамчунин, табодули таҷрибаҳои пешқадам дар ин самт арзёбӣ мегарданд.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар ҷорабинӣ зикр намуд, ки коррупсия яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди умумимиллӣ, пешрафти иқтисод, беҳбуди иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, ин, амали зишту нангин унсури ҷинояткории муташаккил буда, боварии шаҳрвандонро ба давлат ва ояндаи нек коста мегардонад. Бинобар ин, вазифаи ҳар як шаҳрванди мамлакат аст, ки дар масъалаи аз байн бурдан ва паст кардани шиддати ин амали манфур саҳми худро гузорад. Бо мақсади аз байн бурдани ришвахситонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва қарору қонунҳои дахлдорро ба тасвиб расонидааст.

Тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хидматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар доираи талаботи банди 43-и Нақшаи ҷорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025) ба роҳ монда шудааст.




Мутобиқи талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» (аз 1 августи соли 2023), пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, инчунин, қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар кори форум, ҳамчунин, роҳбарони як қатор вазорату кумитаҳо иштирок ва суханронӣ карданд. Инчунин, дар форум намояндагони суд, доираи васеи тоҷирон, намояндагони ҷомеаҳои шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, намояндагони сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, меҳмонон аз мақомоти зиддикоррупсионии Федератсияи Россия, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ширкат варзиданд.

Баргузории форум имконият фароҳам овард, ки байни намояндагони бахши хусусӣ, шарикони рушд, сохторҳои давлатӣ ва меҳмонони хориҷӣ дар бораи масъалаи муқовимат бо коррупсия дар соҳаи тиҷорат, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва дигар масъалаҳои мавҷуда мубодилаи афкор сурат гирад. Дар доираи форум Лоиҳаи Кодекси идоракунии корпоративӣ ва нақшаи ҷорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (марҳалаи дуюм солҳои 2026-2030) муаррифӣ гардид.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

ҶАЛАСА

# Баррасии масъалаҳои муҳимми соҳа

12 декабри соли 2025 дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ситоди онлайнӣ оид ба таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорон баргузор гардид.

Ҷаласа таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода баргузор гардида, дар кори он роҳбарон ва намояндагони раёсату шуъбаҳо ва муассисаҳои тобеъ, сардорони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ ширкат варзиданд.

Ҷаласаро муовини вазири маориф ва илм ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки соҳаи маориф дар кишвар дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди рӯзафзун дошта, дар ин росто, мо-кормандони соҳаро мебояд, ки саъю талоши худро ҷиҳати таъмини сифати таълим бештар намоем. Таъкид шуд, ки иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ва барномаҳои стратегии Ҳукумати кишвар омили асосии дастёбӣ ба пешрафт дар соҳаи маориф буда, зарур аст, ки ҳар яки мо бо масъулияти баланд барои амалӣ шудани ҳадафҳои миллӣ саҳми арзандаи худро гузорем.

Сипас ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Н. Мирзозода оид ба фарогирии шунавандагон ба курси такмили ихтисос аз рӯйи низоми такмили ихтисоси 3-сола дар соли 2025 маълумот дод.

Дар идома ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан доир ба вазъи таҳсилоти томактабӣ ва раванди ҷалб намудани кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ шунида шуд.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа масъалаҳои фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, таъсиси марказҳои рушди кӯдакон дар маҳалҳо, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот, ҷалби бештари хонандагон ба озмунҳо ва олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва таҳкими корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ мухокима гардиданд.

Ҷаласа бо таҳлилу баррасии самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маориф ҷамъбаст гардида, барои амалисозии муваффақонаи ҳадафҳои гузошташуда ба масъулин дастуру тавсияҳои мушаххас дода шуд.

# Пирӯзии хонандагони тоҷик дар олимпиадаи байналмилалӣ

14 декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Пномпени Шоҳигарии Камбоҷа маросими ҷамъбаст ва ҳавасмандсозии ғолибони Олимпиадаи байналмилалии математикии Ангкор (АМС-2025) баргузор гардид.

Дар ин олимпиадаи бонуфуз беш аз 1600 нафар хонанда аз 13 кишвари осиёӣ иштирок намуданд, ки дастаи Тоҷикистон иштироки шоиста кард. Боиси ифтихор аст, ки дар олимпиадаи мазкур хонандагони тоҷик дар умум 51 медал ба даст оварданд, ки аз ин шумора 14 медали тилло, 17 медали нуқра ва 15 медали биринҷӣ мебошад. Инчунин, 5 нафар намояндаи наврасӣ Тоҷикистон бо гирифтани холҳои баланд ба гурӯҳи беҳтаринҳо шомил гардида, маҳорати баланди илмӣ, тафаккури таҳлилӣ ва омодагии ҷиддии худро собит намуданд. Ин дастовард далели равшани рушди маориф, дастгирии истеъдодҳо ва самаранокии сиёсати давлатии соҳаи илму маориф дар кишвар мебошад.

Дар маросими ҷоизасупорӣ муовини Сарвазир - вазири маориф, ҷавонон ва варзиши Шоҳигарии Камбоҷа, доктор Хан Чуан Нарон аз сатҳи баланди омодагии иштирокдорон ёдовар шуда, таъкид намуд, ки олимпиадаи Ангкор заминаи муҳимми рушди тафаккури илмӣ ва рақобати солим дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дастоварди навбатӣ дар олимпиадаи АМС-2025 бозгӯи он аст, ки наврасони тоҷик қодиранд, Парчами Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамеша парафшон намоянд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Дар ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров таҳти унвони «Муаммо ва дурнамои илми методикаи таълим дар раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди инноватсионӣ» конференсия доир гардид.**

# Шинохти асолати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ

## Чанд андеша дар ҳошияи шиори «Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон»

**Муқаддима**

Сухани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон» дар фазои фикрӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистони муосир мақоми вижаро касб кардааст. Пеш аз ҳама, ин сухан на танҳо мавқеи сиёсӣ, балки ҳувияти фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоии миллати тоҷикро равшан намуда, ба қишрҳои гуногуни ҷомеа паёми амиқ дод: давлату миллатсозӣ бидуни худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи бостонӣ, ҳифзи арзишҳои адабӣ ва озодандешӣ имконпазир нест.

Дар зимн, ин гуфтаи пурмуҳтаво ва дурандешона дар фазои фикрии ҷомеаи тоҷик вокуниши густурда ба вуҷуд оварда, ба рамзи худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ табдил ёфт. Ин изҳорот дар шароите матраҳ гардид, ки Тоҷикистон давраи нави таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро таҷриба мекунад. Дар замони шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши гуногунқутбии фикрӣ, муборизаҳои геосиёсӣ ва қавитар гардидани рақобатҳои ҳувиятӣ, масъалаи худшиносии миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеа қарор гирифт. Аз ин ҷост, ки сухани мазкур ҳамчун андешаи калидӣ ва рефлексияи сиёсӣ на танҳо мақоми рамзӣ, балки мазмуни амиқи идеологӣ ва фарҳангӣ пайдо намуд.

Ин изҳорот бархӯрди хос миёни ду сатҳи ҳувиятро равшан мекунад: ҳувияти миллӣ ҳамчун пояи давлатдорӣ ва ҳувияти динӣ ҳамчун ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири маънавиёти миллат. Ҳарду арзиш дар таҷрибаи таърихии тоҷикон ҳамзистии тӯлонӣ доштаанд, аммо ҷойгоҳ ва мақоми онҳо дар ҷомеаи муосир ба танзиму тавозуни дуруст ниёз дорад. Ибораи мазкур, дар навбати худ, маҳз ҳамин зарурати таъкид бар ҳувияти миллӣ ва мақоми калидии он дар равандҳои давлатсозӣ ва худшиносии тоҷиконро инъикос менамояд.

Сухани воқеан, ҳикматбору тавъам бо хирдагароии сиёсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки миллати тоҷик, пеш аз ҳама, дар асоси забон, фарҳанг, таърих ва тамаддуни худ ташаккул меёбад ва дин ҳамчун унсури маънавӣ ва ахлоқӣ дар ин замина ҷойгоҳи вижа дорад, вале ҳеҷ гоҳ набояд бо мақсадҳои сиёсии гурӯҳҳои алоҳида бар зидди манфиатҳои миллӣ истифода шавад.

**Тоҷик ва тоҷикият: пояи ҳувияти миллӣ**

Миллати тоҷик чун таърихи ҳазорсолаҳоро дорост, аз ин рӯ, мафҳуми «тоҷик» аз дуриҳои таърих ба мо расида, дар замони Сосониён, Сомониён, Темуриён ва давраҳои баъдӣ ҳамчун ҳувияти фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Ин мафҳум на танҳо номи қавм, балки маҷмуи тамаддун, фарҳанг, забон, ҷаҳонбинӣ ва одоби зиндагӣ мебошад. Тоҷик будан ба ин маъност: пайвастан ба тамаддуни кӯҳани ориёӣ, забони форсии дарӣ – пояи адабиёт ва тафаккур, мероси Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Камоли Хуҷандӣ ва садҳо нобиғаи дигар ва фарҳанги таҳаммул, инсондӯстӣ, озодандешӣ.

Сухани «Ман аввал тоҷикам...» маҳз ба ҳамин мерос ишора мекунад. Яъне, пеш аз ҳама, мо фарзандони фарҳанги бостонӣ ҳастем, ки ба инсоният арзишҳои гуманистиро ҳадия кардаем.

Аз нигоҳи илмӣ, тоҷикият ҳамчун маҷмуи нишонаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, забонӣ ва иҷтимоӣ муайян мешавад, ки халқи тоҷикро ҳамчун як воҳиди сиёсӣ ва фарҳангӣ муаррифӣ мекунад. Ва тавре ишора шуд, пайдоиши мафҳуми «тоҷик» решаҳои хеле қадимӣ дорад ва муаррихон онро ба давраҳои аввали ташаккули қавмҳои эронинажод марбут медонанд. Бо вуҷуди ин, тоҷикият на танҳо истилоҳи этникӣ, балки пеш аз ҳама, тамаддуни мураккабу пурғановат мебошад.



Фаҳмиши тоҷикият бо забони тоҷикӣ, мероси адабии тоҷикӣ-форсӣ ва таҷрибаи давлатдории аҷдодӣ иртиботи зич дорад. Дар тӯли таърих ин унсурҳо тавонистанд миллати тоҷикро ҳифз намоянд, ҳатто дар замоне ки давлатдории мустақил вуҷуд надошт. Забон ҳамчун сутуни асосии тоҷикият нақши ҳалкунанда дошт, зеро забони форсии дарӣ ба сифати забони адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар тамоми шаҳрҳои бузурги Осиёи Миёна ва Шарқ садсолаҳо мавқеи устувор дошт.

Аз ин ҷост, ки сухани Пешвои миллат бо таъкиди «Ман аввал тоҷикам» мардумро ба ин андеша мутаҳид месозад, ки маҳз ҳувияти миллӣ – забон, анъана, таърих ва фарҳанг пояи ҳастии мост. Дин метавонад ҷузъи ин ҳувият бошад, аммо на меъёри асосии муайянкунандаи он. Ҳамин тавр, ин изҳорот дар баробари таъкид ба мансубияти динӣ аҳаммияти хос ба миллати тоҷик ҳамчун субъекти сиёсӣ ва фарҳангӣ медиҳад.

**Ватандӯстӣ ҳамчун неруи муттаҳидкунандаи ҷомеа**

Дар фарҳанги тоҷикӣ мафҳуми ватандӯстӣ решаҳои амиқи фалсафӣ ва адабӣ дорад. Аз осори Рӯдакию «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ то осори Саъдӣ, Ҳофиз ва Абдураҳмони Ҷомӣ мафҳуми Ватан, меҳр ба хоку об, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва ғояи инсонӣ мавқеи калидӣ доранд. Ватандӯстии тоҷикӣ аз ибтидо ҳамчун ҳисси хештаншиносӣ ва худбаҳодиҳии фарҳангӣ ташаккул ёфтааст.

Дар давраи муосир ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи сохтори идеологии давлатдорӣ аҳаммияти нав касб кардааст. Сухани Пешвои миллат низ дар ҳамин замина арзи вуҷуд кардааст. Таъкид ба тоҷикият дар давраи афзоиши фишорҳои хориҷӣ ва паҳншавии ифротгароии динӣ ба ҷомеа манфиати стратегӣ дорад, зеро дар чунин шароит ҳувияти миллӣ ягона неруест, ки метавонад давлат ва ҷомеаро муттаҳид нигоҳ дорад.

Ватандӯстӣ, инчунин, маънии эҳтиром ба рамзҳо, эҳёи анъанаҳои миллӣ, забони давлатӣ ва мустаҳкам кардани пайванди наслҳоро ифода мекунад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷавони соҳибистиқлол дар раванди давлатсозӣ бештар аз ҳар вақти дигар ба ин арзиш ниёз дорад.

**Худшиносии миллӣ ва ҷойгоҳи он**

Худшиносии миллӣ маҳз дар замони ҷаҳонишавии босуръат аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Ҷомеаҳои муосир таҳдидҳои гуногун – маҳву нобуд шудани анъанаҳо то фишорҳои фарҳангиро таҷриба мекунанд. Барои ҳамин, худшиносии миллӣ танҳо ёдоварии гузашта нест, балки мафҳуми фаъол ва динамикӣ аст, ки бо воқеиятҳои нав мутобиқ мешавад.

Дар Тоҷикистон худшиносии миллӣ заминаҳои таърихии хеле қавӣ дорад, аммо дар аввали асри XX, махсусан, дар солҳои 20-30, ин раванд бо сабаби табаддулоти сиёсӣ ва ҷустуҷӯи ҳувият шакли фаъол гирифт. Баҳсҳои зиёиён дар бораи забони адабӣ, алифбо, адабиёти миллӣ, таърих ва ҷойгоҳи тоҷикон дар тамаддуни форсӣ дар он давра нақши таърихӣ дошт. Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров ва даҳҳо нобиғаи дигар барои муайян кардани ҳувияти миллӣ ва ҳифзи он мубориза бурданд.

Имрӯз бошад, тамоми кору пайкор ва талоши Пешвои миллат низ баҳри ҳифзи ин арзишҳо равона шудаанд. Ва имрӯз сухани Пешвои миллат ба ҷомеа хотиррасон мекунад, ки худшиносии миллӣ пояи асосии давлатдорӣ мебошад. Ҳувияти миллӣ набояд бо унсурҳои ифротгароӣ, тақлидкории идеологӣ ва ҷаҳонибинии хурофотӣ иваз гардад. Тоҷикистон танҳо дар сурате метавонад кишвари соҳибсубот боқӣ монад, ки наслҳои нав ба миллат, забон ва таърихи худ бо масъулият ва фаҳмиши илмӣ назар кунанд.

**Арзишҳои фарҳангӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар давлатдории муосир**

Фарҳанги тоҷикӣ, ки решаҳои бостонитарин тамаддунҳои Осиёи Марказию Ҷанубиро дар худ ҷамъ овардааст, ҳамеша неруи ҳифзкунандаи миллат буд. Ин фарҳанг маҷмуи зебошиносӣ, ирфон, забон, адабиёт, меъёрҳои ахлоқӣ, санъат ва анъанаҳои иҷтимоиро фаро мегирад. Тоҷикистон дар асри XXI бо мушкилоте рӯбарӯст, ки он бе такя ба фарҳанг ҳал намешавад. Аз ҷумла, раванди глобализатсия, густариши фарҳангҳои беруна, паст шудани сатҳи мутолиа, кам шудани таваҷҷуҳ ба арзишҳои суннатӣ ва таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба зеҳни насли ҷавон.

Сухани Пешвои миллат дар ҳамин замина зарурати ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллӣ ва забони тоҷикӣ ҳамчун сутуни тоҷикиятро таъкид мекунад. Тоҷикият танҳо дар сурате собиту устувор мемонад, ки фарҳанг ва забон мавқеи воқеии худро дар маориф, илм, фарҳанг, фазои иттилоотӣ ва идоракунии давлатӣ дошта бошанд. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои таҷрибаи истиқлол аст. Ин забон имрӯз танҳо василаи муошират нест, балки он абзори тафаккур, пояи худшиносӣ ва асоси давлатдории мо мебошад.

**Баҳсҳои забону адабиёт дар солҳои 20-30 ва аҳаммияти онҳо дар замони муосир**

Дар солҳои 20-30-и асри гузашта, ки давраи ташаккули мафкураи миллӣ ва ниҳодҳои фарҳангии тоҷикон буд, баҳсҳои муҳим миёни зиёиён баргузор шуданд. Ин баҳсҳо на танҳо масъалаҳои забон, алифбо ва меъёрҳои адабиро матраҳ мекарданд, балки самти рушди худшиносии миллӣ ва пояҳои идеологии давлатдории ояндаро низ муайян менамуданд. Ин давраро метавон давраи шаклгирии илмии миллат номид.

Дар ҷараёни ин баҳсҳо масъалаи забони адабӣ, зарурати эҷоди забони муосири тоҷикӣ, ҷудо кардани он аз таъсири забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, русӣ ва туркӣ барои муайян кардани симои фарҳангӣ муҳим арзёбӣ мешуд. Ҳамчунин, масъалаи алифбо (гузариш аз хати арабӣ ба лотинӣ ва баъдан ба сириллик) як мавзуи калидии сиёсӣ ва фарҳангӣ буд. Зиёиёни миллӣ барои он мубориза мебурданд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони адабӣ ва расмӣ мақоми воқеӣ пайдо кунад.

Имрӯз, дар замоне ки ҷаҳон дубора бо баҳсҳои ҳувият ва фарҳанг даргир аст, ин таҷрибаи таърихӣ аҳаммияти бузург дорад. Сухани Пешвои миллат низ ин ҳақиқатро шарҳ медиҳад: бе забон ва адабиёт ҳувияти миллӣ коста мешавад ва миллат худро аз даст медиҳад. Забони тоҷикӣ дар давраи муосир бояд на танҳо ҳамчун абзори муошират, балки ҳамчун меъёри илмию фарҳангӣ ва пояи тафаккур ҳифз ва такмил дода шавад.

**Дурӣ ҷустан аз хурофот ва ифротгароӣ: такя ба хирад ва дониш**

Хурофот ва таассуби динӣ яке аз таҳдидҳои хатарнок барои ҷомеаҳост. Таърихи асрҳои гузашта нишон медиҳад, ки ҳар гоҳ хурофот ва буҳрони фикрӣ боло равад, ҷомеа дар ҳолати рукуд ва таназзул қарор мегирад. Тоҷикистон низ дар солҳои гуногуни гузашта бо мушкилоте чун хурофот, таассуб, ҷаҳолат ва фишори идеологияҳои ғайриилмӣ рӯ ба рӯ шудааст. Барои ҳамин, давлат ва ҷомеа ба таҳкими дониш, баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ ва илмӣ, эҷоди муҳити солими фикрӣ ва роҳ надодан ба тафаккури ифротӣ ниёз дошт.

Сухани Пешвои миллат бо таъкид бар тоҷикият ҳамчун ҳувияти асосӣ ва ҷойгоҳи дин ҳамчун унсури маънавӣ ба ҷомеа паёми муҳим медиҳад: хирад, дониш ва илми муосир бояд болотар аз таассуб ва хурофот бошанд. Ислом дар фарҳанги тоҷикон ҳамеша унсури маърифатӣ, ирфонӣ ва ахлоқӣ буд, на абзори сиёсӣ. Фалсафаи динии тоҷикон бар асоси офариниши дониш, таҳаммулпазирӣ ва ҳикмат ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, истифодаи дин ба сифати воситаи баҳамзанандаи сиёсӣ на танҳо ба арзишҳои динӣ хилоф аст, балки ба арзишҳои миллӣ низ мухолиф мебошад.

**Ҷойгоҳи дин ва миллият дар ҷомеа**

Тоҷикон аз асри VIII инҷониб мусулмонанд, аммо дар тӯли таърих онҳо исломро бо фарҳанги миллии худ дар ҳамзистии созандаю осоишта муттаҳид кардаанд. Ислом барои тоҷикон маънии ирфон, ахлоқ, маърифат, покизагӣ ва инсонпарвариро дошт. Дар фарҳанги мо дин ҳеҷ гоҳ вазифаи сиёсӣ надошт, балки ҷузъи маънавии зиндагӣ буд. Аз ин рӯ, таъкид бар миллият дар сухани Пешвои миллат маънои зиддият бо динро надорад, балки бароҳмонии ҷойгоҳҳои ду унсури муҳимро муайян мекунад: миллат – пояи давлатдорӣ ва дин – пояи маънавиёт.

Агар дин бо мақсадҳои сиёсӣ истифода шавад, ба миллат ҳатман зарар мерасонад. Аммо агар он ҳамчун унсури фарҳангӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ арзёбӣ гардад, метавонад ба таҳкими ҷомеа, устувории ахлоқ ва пурзӯр шудани фарҳанги ҳувият мусоидат кунад.

**Хулоса**

Сухани Пешвои миллат «Ман аввал тоҷикам, баъд мусулмон» ифодаи равшани ҷаҳонбинии миллӣ, ҳикмати давлатдорӣ ва зарурати таърихии таҳкими худшиносии миллӣ дар замони муосир мебошад. Ин изҳорот на танҳо як ибора ё ҷумлаи одӣ, балки барномаи фикрӣ, фарҳангӣ ва идеологие мебошад, ки ҷомеаи тоҷикро ба устуворӣ, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва рушду такомули маънавӣ ҳидоят мекунад.

Тоҷикият ҳамчун ҳувияти миллӣ пояи забон, фарҳанг, таърих ва давлатдории тоҷикон мебошад. Ва боз такрор месозем, ки дин ҳамчун унсури маънавӣ ва ахлоқӣ ҷойгоҳи худро дорад, аммо набояд ба унсури ифротӣ ва сиёсии баҳамзанандаи ҷомеа табдил шавад. Забони тоҷикӣ, фарҳанги адабӣ, арзишҳои суннатӣ ва тамаддуни гузаштаи мо бояд ҳамчун асосҳои ҳастии миллӣ ҳифз карда шаванд.

Аз ин рӯ, сухани Пешвои миллат паёми ҳикматомезест, ки ба ҳар шаҳрванди кишвар мефаҳмонад, ки худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба забон ва фарҳанг, дурӣ аз хурофот ва таҳкими донишҳои муосир роҳи ягонаи рушду суботи Тоҷикистон аст.

*Эҳсон САФАРЗОДА,*
*номзади илми филология*

**Дар шаҳри Душанбе дар мавзуи Куруши Кабир ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамоиш доир гардид.**

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

***Як инсони солиму баандеша ва ҳамеша дар ҳоли мутолиа имкони то 70-солагӣ хондани на беш аз 5 ҳазор китобро дорад. Инро аз натиҷаи таҳқиқоти як гурӯҳ олимони Донишгоҳи гуманитарии Москва мегӯям, на аз хеш. Яъне, умри одамӣ, агар ниҳоят пурсамар истифода шавад ҳам, кас аз 5 ҳазор китоб бештар имкони хондан надорад. Баъди 70-солагӣ хондан самари камтар дорад, чун ҳофизаи инсон заиф мегардад.***

# Фарҳанги мутолиаро такмил бояд бахшид

Хушбахтона, инсонҳое ҳастанд, ки дар назди хеш ҳадаф мегузоранд ва аз рӯйи нақшаи муайян китоб мехонанд. Ҳастанд инсонҳое, ки аз рӯйи нақша китоб мехонанд, номгӯйи моҳ ба моҳ ва ҳафта ба ҳафтаи қироати осори бадеии муҳимтаринро рӯйи даст доранд.

Мутаассифона, имрӯз раҳнамоӣ ба китобу китобхонӣ дар сатҳест, ки даврони «ликбез»-ро ба ёд меорад. Асарҳои беҳтарини адабиёти олам на фақат тарҷума намешаванд, ё якта-нимта тарҷума шаванд ҳам, ниҳоят камшуморанд, балки ҳамон варианти русиашон низ ноёб шудааст.

Вазъи омӯзиши адабиёти муосир низ асафбор аст, асосан таърихи адабиёт омӯзонида мешавад, на адабиёти имрӯза ва на матни адабӣ. Натиҷа ҳамин аст, ки шоиру нависандаи имрӯзаро ҷавонон намешиносанд. Дар ёду хотироташон ҳамон устодон Айниву Турсунзодаву Улуғзода ҳаст, ба ин тараф дигар раҳи имкони шинохт баста.

Аз адабиёти русу ҷаҳон боз ҳамон Пушкину Лермонтов ва муаллим агар ҳиммат кунад, Толстойро мешиносонад, чунки барномаҳо чунин сохта шудаанд, асосан такя ба таърихи адабиёт аст. Агар ҳамин навъ муносибат ба таълим бошад, пас аз рӯйи мантиқ, адибони имрӯзаро баъди сад соли дигар хоҳанд омӯхт.

Боз тибқи ҳамон принсипи таърихнигории адабиёт, на худи адабиёт. Ҳатто дар китоби дарсии адабиёти синфи 11-ум ба ҷуз Гулназару Саттор Турсун ва Меҳмон Бахтиву Абдулҳамиди Самад, Кароматуллоҳи Мирзо, Гулрухсор ва Фарзона дигар касе нест.

Дар пурсиши қироати шеър аз «осор»-и шоирони «маҳаллӣ» (ба ном шеъру ба ном шоир) борҳо намунаҳо қироат шуд, ки боиси таассуф аст: дар зеҳни ҷавонон ҳамин фикрро ҷо кардаанд, ки «шеър мехоҳӣ, ана шоири худамон, дигар куҷо шеър меҷӯӣ...». Яъне, боз ҳамон принсипи «аввал хеш, баъд дарвеш».

Пас, чӣ бояд кард?

**Якум,** барномаҳои нави замонавӣ бояд таҳия кард. Масалан, тамоми адабиёти давраи Шуравиро дар шакли обзорӣ бояд омӯзонид, дар китоби дарсӣ як боб бошад, кофист. Сухан ин ҷост, ки тамоми осори бадеии замони Шуравӣ дар асоси метод ё асли вуқуъгаройии сотсиалистӣ эҷод шудааст, ки қолаби муайяни инъикос ё бозтоби воқеият ва қаҳрамонро дошт: ҳама гуна анвои мубориза неку бад дар авҷи ҳаводиси каломи бадеъ, бавижа, насри бадеӣ бояд ба тақозои идеологияи замона ҷавобгӯ мебуд, қаҳрамоне, ки чун инсонҳои табиӣ дар зиндагии воқеӣ таҷаллӣ мекард, дар асари адабиёт зуҳур надошт, ё сиёҳ мебояд буд, ё сафед.

Ҳадафҳо дақиқан маълум буданд. Аз адиб дархост мешуд, ки аз анбуҳи воқеоти зиндагии иҷтимоӣ ҳамонҳоеро рӯйи сафҳаи қиссаву романҳо бикашонад, ки ибратомӯз ва шахсиятҳо барои таъмини мафкураи ҳукмрон онҷунон дилгарму содиқу вафодор ва ҷасур бошанд, ки барои расидан ба мақсадашон ба ҷонфидоӣ омодаанд.

Ин гуна осор дар адабиёти даврони Шуравӣ ниҳоят зиёд аст. Мазмун якест, фақат дар бозтоби воқеаҳо ва баёни тафсилоти корномаҳои қаҳрамонон ҷанбаи ҳунарӣ фарқ мекунаду халос. Аз ин рӯ, ин давраи адабиётро аз рӯйи талаботи методи реализм ва шохисаҳои он ба нақша гирифтану тадрис кардан дуруст мебуд.

**Дуюм,** адибонро на аз рӯйи ҷоизаву синну сол ва марҳалаҳои замонӣ, ё тавре мегӯянд, хронология, балки аз лиҳози сатҳи ҳунари адабӣ бояд дар китоби дарсӣ ҷо дод.

Ин сухан чандон дуруст нест, ки ҳатто дар асоси реализми сотсиалистӣ ҳам ҳама осори адабӣ аз нигоҳи ҳунари бадеӣ яксон бошад. Масалан, устод Айнӣ, ки равиши эҷодашон, бешакку шубҳа, реализм аст, аз як асар то асари дигар доди ҳунари нигорандагӣ додааст, баёни ҳунарии вазъу ҳолат ва таносуби қаҳрамон бо воқеиятҳо аз як асар то асари дигар ба куллӣ тафовут дорад.

Масалан, дар «Ҷаллодони Бухоро» бозтоби воқеият ва инъикоси вазъи қаҳрамонҳои асар ба дараҷае воқеист, ки «даҳшат»-и бархе осори бадеии равияи «романтизми сиёҳ»-и адабиёти ҷаҳонро мемонад. Аз бисёр ҷиҳатҳо ин қисса равияи эҷодии нависандаи маъруфи амрикоӣ Эдгар Аллан Поро ба хотир меорад: табиати инсон бо ҳама бераҳмиву бадкориҳояш, зулму ситам ва неруи харобкораш мӯшикофона тасвир мешавад ва тавассути ҳамин гуна тасовир эҳсоси нафрат ва эътирози мардумро бармеангезад, яъне, хонандаи китобро ҳаргиз бетараф намегузорад, ӯро шарики нуқтаи назари нависанда ва мавқеи иҷтимоии ӯ мегардонад.

Мисоли дигар ҳамоно қиссаи безаволи устод Айнӣ «Марги судхӯр» аст. Хонандаи ин асар дар баробари он ки ба ҳолу вазъи қаҳрамони асосӣ бетараф намемонад, зиёда аз ин, ҳолати воқеии Аморати Бухоро ва яке аз сарчашмаҳои забунии мардум ва қафомондагии сохтори идораи аморатро дар зеҳну шуураш яқин карда, соҳиби иттилооти муҳимми на фақат иҷтимоӣ, балки адабиву фарҳангӣ ва мардумшиносӣ мешавад, дар мавриди чигунагии вазъи Бухоро дар поини қарни XIX ва оғози XX тасаввуроти дуруст ҳосил мекунад.

**Сеюм,** аз рӯйи таомули сирф тоҷикӣ, ки дар ҷаҳон назир надорад, яъне, «хафа накардан»-и адибони баркамол, вале камҳунар, бобӣ хурде бояд таълиф кард, ки ному насаб ва номгӯйи осорашон бошад, кифоя.

Дар ин мавриди нуктаи назар зиёд аст, аммо ба як суол бояд посухи ҷиддӣ дод: чӣ бояд кард, ки меъёри аслии мондагор шудани осори бадеӣ танҳо ҳунар бошад, на ному насаби адибон. Масалан, дар солҳои сиву чиҳил ва панҷоҳуми асри пор, дар радифи устодон Айниву Улуғзода адибоне эҷод кардаанд, ки осорашон дар пояи идеологияи ҳамон даврон эҷод шуда, имрӯзҳо таъсире ба зеҳни хонанда ё арзише барои адабиёти асил надоранд. Аз рӯйи инсоф нест, ки тамоми ин осор аз китоби таърихи адабиёти тоҷик рӯфта шавад. Пас осори ин нависандаву шуаро, агар дар шакли обзорӣ дар як ё ду боби китоби таърихи адабиёт зикр шавад, кофист.

**Чорум,** дарси адабиётро тибқи модел ё тарҳи шахсиятҳо бояд ҷорӣ кард. Ин равиш дар Донишгоҳи гуманитарии Москва аз соли 2000-ум инҷониб таҷриба мешавад ва натиҷаҳои хуб ба бор овардааст. Ном ва осори адибон на бо тарзи анъанавии таърихнигории адабӣ (аввал вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии давру замон, баъдан шарҳи ҳоли адиб ва сипас осори адиб бо таҳлили мухтасари эҷодиёт тибқи хронология), балки таҳқиқи жарфи ҳамон осоре, ки аз нигоҳи ҳунари адабӣ ва сабки хоси нависанда аз дигарон тафовут доранд ва барои рушди минбаъдаи адабиёт лозиму заруранд, овардаву пажуҳиш карда мешаванд. Шакли пешниҳод портрети адабист.

**Панҷум,** аз баҳри таърихнигории адабиёт бояд гузашт, ба кӣ лозим, ки кадом адиб дар кадом давра зистааст ва он давра чӣ вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дошт. Ин вазифаи таърих аст, шукр, ки дар ҳама мактабу донишгоҳҳо дарси таърих омӯзонида мешавад. Вазифаи курси адабиёт омӯзонидани худи адабиёт ва матни адабист, на чизҳои нолозими дигар. Тамоми дарсҳо, чӣ дар мактабҳои миёна ва чӣ дар донишкадаву донишгоҳҳо бояд дар асоси матни адабӣ сурат гирад: матни адабӣ (чи назм ва чи насри бадеӣ) масъалаи марказии таълими адабиёт бошад, на нақли мундариҷаи асарҳо ва шарҳи ҳоли адиб.

Овора шудан ба нақли мазмуни асарҳои бадеӣ дар дарсҳои адабиёт ҷавононро аз таъми лазизи каломи бадеъ дур мекунад, хонанда аз «кудрати ҷонофарин» (ибораи устод Қаноат) доштани сухани адабӣ ноогоҳ мемонад, хонанда танҳо аз натиҷа хабардор мешавад, на аз чӣ гуна ҳосил шудани натиҷа. Ба ёд биёрем, ки дар илми эстетика ё чеҳрашиносии адабӣ бисёр муҳим аст, ки ин ё он маводи адабӣ чӣ гуна гуфта мешавад, на чӣ гуфта мешавад.

**Шашум,** ҳатман дар макотиби миёна дарси махсуси «Сад нависандаи маъруфи ҷаҳон»-ро бояд ба роҳ монд (панҷоҳ адиб барои синфи 10 ва панҷоҳ адиби дигар барои синфи 11).

Интихоби адибон масъалаи муҳимтарин аст ва бояд меъёрҳои интихоб ҳам муҳим бошад. Беҳтар мебуд, ки чунин интихоб аз рӯйи меъёри ҳунари волои нависандагӣ бошад ва баъдан роҳу равиши эҷод. Ба фарзи мисол, Теодор Драйзер ё Эрнест Ҳемингуэй беҳтарин намояндагони равия ё методи вуқуъгароӣ ҳастанд, Габриэл Маркес ё Борхес – реализми ҷодуии Амрикои Лотинӣ, Жорж Санд ва Мюссе беҳтарин муаррифони романтизм ҳастанд ва Албер Камю ё Франс Кафка – намояндагони равиши бехатарии вуҷудӣ.

Танҳо дар ҳамин шаклу тарзи пешниҳоди адибон ва осори онҳо ҷавонон аз чӣ гуна густарда будани майдони адабиёт ва то чӣ андоза гуногун будани неруи қалами эҷодкорон ва худи зарфияти бапаҳнои каломи адабӣ огоҳ хоҳанд шуд. Ба ин роҳ тамоилоти завқии ҷавонон ба ҳар ҷонибе рушд хоҳад кард: яке аз осори бадеии вуқуъгароӣ эҳтиёҷоти маънавии хешро қонеъ хоҳад кард, дигаре аз осори романтизми гуворо ба зиндагии шахсии хеш романтика зам хоҳад кард, севумӣ тавассути рамзу розҳои ҳакимона ба дунёи ҳастӣ назари ҷудогона пайдо мекунад.

Адабиёт низ мисли фалсафа ё улуми дигари иҷтимоӣ тафаккурсоз аст, агар илмҳои дигар тавассути категорияҳои дақиқи илмӣ олами ашёро пажуҳиш кунанд, адабиёт тавассути намоён кардани манзилҳои гуногуни олами ҳастӣ ва дунёи эҳсосу андешаи одамон тасаввури муайяне дар шуури инсонҳо ба вуҷуд хоҳад овард. Ва бисёр муҳим аст, ки асари бадеӣ хонандаро мисли оҳанрабо ба худ бикашад ва андаруни асар бо қаҳрамонҳову ҳодисаҳо як ба як бигузорад.

*Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос*

# Роҳҳои бедор намудани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиш



Бедор намудани майлу рағбати хонандагон ба мутолиаи асарҳои бадеӣ дар рафти дарсҳо ва корҳои берунасинфӣ яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгорон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, хонандаро бояд водор намоем, ки рӯ ба адабиёти бадеӣ орад, ки ин кори саҳл нест. Шавқи китобхониро аз боғча оғоз бояд намуд, зеро дар давраи мактабӣ бедор намудани майлу рағбати ӯ мушкил мегардад.

Ба хонандагон порча аз филми «Марги судхӯр»-и асари устод Айниро намоиш дода, диққати онҳоро ба симои Қорӣ Исмат ҷалб менамоям. Сипас супориш медиҳам, ки давомашро хонандагон аз повести мазкур хонанд. Ё вақте ки достони «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзодаро дар синфи 11 гузоштанд, ба онҳо низ пас аз намоиши порча аз ҳамин филмнома вазифа медиҳам, то давоми достонро хонда, ба омӯзгор нақл намоянд.

Ҳамчунин, ба шогирдон дар бораи мутолиа намудани асари «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ маълумот дода, перомуни фаъолияти Дилоромканиз дар давраи пешазинқилобӣ ва набераи ӯ Фирӯза ва симои занҳои дигар, ки дар роман иштирок доранд, ҳангоми нақл кардан равшанӣ андохта, сипас ба онҳо супориш медиҳам, ки романро дастрас намуда, пурра хонанд.

Повести «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода низ хеле ҷолиби диққат аст. Ба хонандагон аз повести номбурда дар бораи бачаи кокулдароз нақлро оғоз намуда, баъдан хондани давомашро тақозо менамоем. Шогирдонро дар аввал бештар ба хондани асарҳое, ки тариқи нақл навишта шудаанд, ҷалб намоем, хубтар аст. Чунки бартарии нақл дар он аст, ки сухани гӯянда ба хонанда таъсири амиқ мерасонад. Хонанда рӯйдодҳои асарро чун лаҳзаҳои зиндагии нависанда қабул менамояд.

Дар рафти дарс хонандагонеро, ки дар баробари тайёр намудани вазифаҳои хонагӣ, асарҳои бадеӣ мутолиа кардаанд, ҳавасманд гардонидан зарур аст. Барои ба ҳадаф расидани омӯзгор дар хона хонанда таҳти назорати падар ё модар бояд барои мутолиа вақти муайян ҷудо намояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар хонанда як ё ду асари бадеиро хонда, мазмуни онро дарк намояд, зуд шавқу рағбаташ ба мутолиаи асари бадеӣ бештар мешавад.

*С. САЙДАЛИЕВА,*
*роҳбари иттиҳодияи методии фанҳои гуманитарии МТМУ №103-и ноҳияи Шоҳмансур*

Дар Тоҷикистон Маркази омодагӣ ва имтиҳони HSK таъсис дода мешавад.

*Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,*
*Бо кас макун, эй бародари ман!*
*Саъдии Шерозӣ*



ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

**(Идома аз шуморахои гузашта)**

**Машғулияти панҷоҳум (синфи 7)**

627. Оё дуруст аст, ки 94 863 адади сода аст?

628. Барои ранг кардани сатҳи иншоот, ки ба фарш намерасад, чанд грамм ранг лозим аст, агар барои ҳар як квадратча 3,1 грамм ранг лозим шавад чӣ?

629. Агар аз адади фикркардашудаи серақама 7-ро гирем, пас адади ҳосилшуда ба 7 тақсим мешавад. Агар аз адади фикркардашуда 8 гирифта шавад, натиҷа ба 8 тақсим мешавад ва агар 9-ро гирем, натиҷа ба 9 тақсим мешавад. Кадом адад фикркарда шуда буд?

630. Дар мисоли суммаи ададҳои чоррақама МЕТР + МЕТР = ГРАММ ҳарфҳои якхела ба рақамҳои якхела ишора карда шудааст, ки ҳарфҳои гуногун рақамҳои гуногунро ифода мекунад. Ҳамаи ҳолатҳои имконпазирро ёбед ва шарҳ диҳед, ки барои чӣ дигар вариант вуҷуд надорад.

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**



**627.** Не. **Ғоя.** Ба зарбҳо чудо кунед. **Нишондод:** Формулаи фарқи квадратҳоро истифода баред. **Ҳал.** Бо осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки адад 94 863-ро ба намуди фарқи квадрати ду ададҳо табдил додан имкон дорад:

$94\,563 = 94864 - 1 = 308^2 = (308 - 1)(308 + 1) = 307 \cdot 309.$

Пас адади 94 863 адади таркибӣ аст.

**628.** 74,4 грамм. **Ҳал.** Ба фарш 24 квадратча намерасад (8-то аз боло, 8-то аз тарафи намоён ва 8-то паҳлу аз тарафи нонамоён). Пас барои ранг кардан $24 \cdot 3,1 = 74,4$ грамм ранг лозим аст.

**629.** 504. **Ҳал.** Бигзор, *x* адади фикркардашуда бошад. Азбаски (*x* – 7) ба 7 тақсим мешавад, пас худи адади *x* низ ба 7 тақсим мешавад. Ба ҳамин монанд, адади *x* ба 8 ва 9 тақсим мешавад. Пас бояд адад дар як вақт ба 7, 8, 9 тақсим шавад. Адади серақама, ки ин шартро қонеъ мекунад, 504 аст.

**630.** 13566. **Ҳал.** Мисолро дар сутун менависем:

+МЕТР
МЕТР
ГРАММ

Азбаски суммаи Р + Р бо рақами М хотима меёбад, пас рақами М ҷуфт аст. Бо рақами М, инчунин, суммаи Т + Т (агаре ки аз разряди якӣ воҳиде ба разряди даҳӣ гузаронида нашавад) ё дар натиҷаи Т + Т + 1 (агар гузариш вуҷуд дошта бошад) пайдо мешавад. Ҳолати дуюм имконнопазир аст, зеро 2Т + 1 тоқ аст. Пас гузариш аз разряди якӣ ба разряди даҳӣ вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ: 2Р = М (аз разряди воҳидҳо) ва 2Т = 10 + М мешавад (аз разряди даҳӣ, зеро натиҷа бо М хотима меёбад, яъне, разряди даҳӣ гузариш дорад). Қайд мекунем, ки М ≥ 5 аст, зеро дар акси ҳол суммаи ду адади чоррақама адади панҷрақама нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, М метавонад танҳо 6 ё 8 бошад (рақами 0, 2, 4 хеле хурданд ва рақами 10 имконнопазир аст).

Акнун ду ҳолати зеринро муоина мекунем.

**Ҳолати якум.** Ҳангоми М = 6 будан:

Аз 2Р = М, Р-ро меёбем: 2Р = 6, аз ин рӯ, Р = 3 мешавад.

Аз 2Т = 10 + М, Т-ро меёбем: 2Т = 10 + 6 = 16, 2Т = 16. Аз ин ҷо Т = 8 мегардад.

Акнун аз 6Е83 ҳосил мекунем: 6Е83 + 6Е83 = 13А66.

Ҳангоми ҷамъ кардан аз разряди даҳӣ ба разряди садӣ гузариш вуҷуд дорад (зеро 8 + 8 = 16 шуда, рақами пеш аз 6, 1 ба разряди дигар гузаронида мешавад). Дар ин маврид қимати Е низ бояд ба назар гирифта шавад.

Мувофиқи шарти масъала: 2Е + 1 = 10 + А (аз разряди садӣ) ё 2Е + 1 = А (агар аз ин ҷо гузариш вуҷуд надошта бошад). Медонем, ки аз ин ҷо гузариш вуҷуд дорад (ба разряди садӣ), зеро дар ҷавоб разряди ҳазорӣ 3 аст (дар «13А66»), ки суммаи 6+6 дар разряди ҳазорӣ ба гузариш аз разряди садӣ ҳосил шудааст. Пас ҳосили суммаи разряди садиҳо бояд калонтар аз 9 бошад, то гузариш ба амал ояд. Яъне, 2Е + 1 ≥ 10 аст. Аз ин рӯ, Е ≥ 4,5 буда, Е ≥ 5 мешавад.

Рақамҳои 6, 3 ва 8 аллакай истифода шудаанд. Пас барои Е рақамҳои 5, 7, 9 боқӣ мондаанд. Инҳоро низ таҳқиқ мекунем:

а) Ҳангоми Е = 5 будан: 2 · 5 + 1 = 10 + А ё ки А = 1 мешавад. Аммо дар ин ҳол, суммаи умумии разряди ҳазорӣ: 6 + 6 + 1 (гузариш аз садиҳо) = 13, ки 3 ба разряди ҳазорӣ дохил шуда, 1 ба разряди даҳҳазорӣ гузаронида мешавад. Ин ба «13А66» мувофиқ аст (дар ҳақиқат, 13366). Аммо оё рақами 1 дар калимаи «ГРАММ» такрор мешавад? Дар калимаи «ГРАММ» рақами 1 ба ҳарфи «Г» вобаста аст. Дар калимаи «МЕТР» рақами 1 истифода нашудааст (М = 6, Е = 5, Т = 8, Р = 3). Пас, такрори рақам вуҷуд надорад. Бинобар ин, 6583 + 6583 = 13166 як ҳалли масъалаи додашуда буда, рақамҳо гуногун мешаванд: М = 6, Е = 5, Т = 8, Р = 3, = 3, Г = 1, А = 1. Ин ҷо мушкиле пайдо мешавад: ҳарфҳои «Г» ва «А» бояд ба рақамҳои гуногун ишора карда шавад, аммо дар ин ҳолат ҳар дуи онҳо ба 1 ишора карда шудаанд (Г = 1, А = 1). Ин хилофи шарти масъала аст. Пас Е = 5 дуруст нест, зеро боиси такрори рақам барои ду ҳарфи гуногун (Г ва А) мегардад.

б) Агар Е = 7 бошад: 2 · 7 + 1 = 10 + А ё А = 5 мешавад. Акнун ҳамаи рақамҳо гуногун шуданд: М = 6, Е = 7, Т = 8, Р = 3, Г = 1,А = 5. Суммаро месанҷем: 6783 + 6783 = 13566. Пас, ин дуруст буда, он як ҳалли масъалаи додашуда мешавад.

в) Агар Е = 9 бошад: 2 · 9 + 1 = 10 + А ё ки А = 9 мешавад, аммо ин боиси такрори рақам мегардад. Яъне, Е = А = 9 шуд. Пас, Е = 9 дуруст нест.

**Ҳолати дуюм.** Ҳангоми М = 8 будан:

Аз 2Р = М ҳосил мекунем: 2Р = 8, аз ин рӯ Р = 4 мешавад.

Аз 2Т = 10 + М қимати Т-ро меёбем: 2Т = 10 + 8 ё 2Т = 18 шуда, Т = 9 мешавад.

Акнун МЕТР = 8Е94 ва суммаи онҳо 8Е94 + 8Е94 = 17А88 мешавад.

**Мувофиқи шарт:** 2Е + 1 = 10 + А (зеро аз разряди садӣ гузариш вуҷуд дорад, чунки 9 + 9 = 18, ки 8-ро навишта, 1-ро ба разряди ҳазорӣ гузаронида мешавад). Пас, 2Е + 1 ≥ 10, аз ин рӯ Е ≥ 4,5, яъне, Е ≥ 5 мешавад.

Рақамҳои 8, 4, 9 аллакай истифода шудаанд. Пас барои Е санҷидани рақамҳои 5, 6, 7 боқӣ мондаанд.

Агар Е = 5 бошад: 2 · 5 + 1 = 10 + А ё ки А = 1 мешавад.

Акнун ҳамаи рақамҳо гуногун шуданд: М = 8, Е = 5, Т = 9, Р = 4, Г = 1, А = 1.

**Боз ҳамон мушкилот:** А = 1 ва Г = 1 ҳосил шуданд, аммо онҳо ҳарфҳои гуногунанд. Пас Е = 5 дуруст нест.

Агар Е = 6 бошад: 2 · 6 + 1 = 10 + А ё ё А = 3 мешавад.

Акнун боз ҳамаи рақамҳо гуногун шуданд: М = 8, Е = 7, Т = 9, Р = 4, Г = 1, А = 5.

Санҷиш мегузаронем: 8694 + 8694 = 17388. Пас, ин дуруст аст.

Агар Е = 7 бошад: 2 · 7 + 1 = 10 + А ё ки А = 5 аст.

Боз ҳамаи рақамҳо гуногун шуданд: М = 8, Е = 7, Т = 9, Р = 4, Г = 1, А = 5

Суммаро месанҷем: 8794 + 8794 = 17588. Ин низ дуруст аст.

**Хулоса.** Мо се ҳалли математикии дурустро пайдо кардем:

6783 + 6783 = 13566 (М = 6, Е = 7, Т = 8, Р = 3, Г = 1, А = 5); **(*)**

8694 + 8694 = 17388 (М = 8, Е = 6, Т = 9, Р = 4, Г = 1, А = 3);

8794 + 8794 = 17588 (М = 8, Е = 7, Т = 9, Р = 4, Г = 1, А = 5).

Аз ин се ҳалли ҳосилшуда, шарти масъаларо фақат суммаи **(*)** қонеъ менамояд.

Вариантҳои дигар вуҷуд надоранд, зеро мо ҳамаи қиматҳои имконпазири М (6 ва 8)-ро санҷидем ва ҳар гуна қиматҳои имконпазири Е-ро, ки шартҳои гузариш ва гуногунии рақамҳоро қонеъ мекунанд, муоина кардем.

***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

# Масъалаҳои химиявӣ

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**192. Ҳангоми пурра таҷзия шудани нитрати мис (II) $Cu(NO_3)_2$ 11,2 л оксиди нитроген (IV) (ш.м.) ҳосил шуд. Массаи нитрати миси таҷзияшударо ёбед.**

**Ҳал:** Реаксияи таҷзияи нитрати мис (II)-ро менависем ва массаи онро ҳисоб мекунем:

хг – 11,2л

$2Cu(NO_3)_2 \xrightarrow{t^0} 2CuO + 4NO_2 + O_2\uparrow$

$x = \frac{11,2 \cdot 376}{86,6} = 47$ г

376 г – 89,6 л

**Ҷавоб:** 47 г

**193. Дар натиҷаи ба 20 г омехтаи оҳан ва руҳ бо маҳлули ишқор таъсир намудан 4,48 л ҳидроген (ш.м.) хориҷ шуд. Массаи руҳро дар омехта муайян намоед.**

**Ҳал:** Аз омехтаи додашуда, руҳ метавонад бо маҳлули ишқор ба реаксия дохил шавад ва оҳан наметавонад бо маҳлули ишқор ба реаксия дохил шавад, яъне, реаксия намегузарад ($Fe + NaOH + H_2O \rightarrow$). Реаксияи баҳамтаъсирии руҳро бо маҳлули ишқор менависем ва массаи руҳро ҳисоб мекунем:

хг – 4,48л

$Zn + 2NaOH + 2H_2O \rightarrow Na_2[Zn(OH)_4] + H_2\uparrow$

$x = \frac{4,48 \cdot 65}{22,4} = 13$ г

65г – 22,4л

Пас омехта аз 13 г руҳ ва 7 г оҳан (20 г – 13 г = 7 г) иборат аст.

**Ҷавоб:** 13 г

**194. Ҳангоми баҳамтаъсирии 50 г омехтаи оксиди калсий ва карбонати калсий бо кислотаи хлорид 3,36 л газ (ш.м.) хориҷ шуд. Ҳиссаи массаи оксиди калсийро (бо %) дар омехтаи аввала муайян намоед.**

**Ҳал:** Ҳангоми таъсири оксиди калсий бо кислотаи хлорид газ хориҷ намешавад, реаксия чунин намудро мегирад: $CaO + 2HCl \rightarrow CaCl_2 + H_2O$. Ҳангоми таъсири карбонати калсий бо кислотаи хлорид гази карбонат хориҷ мешавад: $CaCO_3 + 2HCl \rightarrow CaCl_2 + CO_2\uparrow + H_2O$. Реаксияи карбонати калсийро бо кислотаи хлорид менависем ва массаи карбонати калсийро ҳисоб мекунем:

хг – 3,36л

$CaCO_3 + 2HCl \rightarrow CaCl_2 + CO_2\uparrow + H_2O$

$x = \frac{3,36 \cdot 100}{22,4} = 15$ г $CaCO_3$

100г – 22,4л

Массаи оксиди калсийро меёбем: 50г – 15г = 35 г CaO

Ҳиссаи массаи оксиди калсийро дар омехта (бо %) муайян мекунем:

50 г – 100%

35 г – х%

$x = \frac{35 \cdot 100}{50} = 70\%$ CaO

**Ҷавоб:** 70%

**195. 100 г омехтаи карбонат ва ҳидрокарбонати натрийро то ҳосилшавии 69 г массаи доимӣ тафсониданд. Массаи карбонати натрийро дар омехтаи аввала муайян намоед.**

**Ҳал:** Аз омехтаи додашуда танҳо гидрокарбонати натрий таҷзия мешавад ва массаи он аз ҳисоби оби буғ ва гази карбонат кам мешавад: 100 г – 69 г = 31 г. Реаксияи таҷзияи гидрокарбонати натрийро менависем:

хг – 31г

$\overline{2NaHCO_3} \xrightarrow{t^0} Na_2CO_3 + \overline{H_2O + CO_2}\uparrow$

$x = \frac{31 \cdot 168}{62} = 84$ г $NaHCO_3$

168г – 62г

Массаи карбонати натрийро дар таркиби омехта меёбем: 100г – 84г = 16 г $Na_2CO_3$

**Ҷавоб:** 16 г

**196. Дар 200 г маҳлули 14%-аи ҳидроксиди калий 11,2 л оксиди сулфур (VI)-ро (ш.м.) ҳал карданд. Массаи (бо грамм) намаки ҳосилшударо дар маҳлул муайян намоед.**

**Ҳал:** Массаи моддаи ҳалшударо дар 200 г маҳлули 14%-аи ҳидроксиди калий ҳисоб мекунем:

200 г – 100%

х г – 14%

$x = \frac{200 \cdot 14}{100} = 28$ г KOH

Миқдори ҳидроксиди калийро ҳисоб мекунем:

28 г – х мол

56 г – 1 мол

$x = \frac{28 \cdot 1}{56} = 0,5$ мол KOH

Миқдори оксиди сулфур (VI)-ро ҳисоб мекунем:

11,2 л – х мол

22,4 л – 1 мол)

$x = \frac{11,2 \cdot 1}{22,4} = 0,5$ мол $SO_3$

Аз миқдори ишқор ва кислота маълум шуд, ки бо нисбати молии 0,5: 0,5 ё 1:1 ба реаксия меравад. Дар натиҷаи реаксия намаки турш ҳосил мешавад, массаи намакро ҳисоб мекунем:

0,5мол – 0,5мол – хг

$KOH + SO_3 \rightarrow KHSO_4$

$x = \frac{136 \cdot 0,5}{62} = 68$ г $KHSO_4$

1мол – 1мол – 136г

**Ҷавоб:** 68 г

**197. Аз 28 г оксиди калсий 29,6 г ҳидроксиди калсий ҳосил карданд. Бароматди реаксияро нисбат ба ҳисоби назариявӣ (бо %) муайян кунед.**

**Ҳал:** Реаксияи аз оксиди калсий ҳосил намудани ҳидроксиди калсийро менависем ва массаи онро ҳисоб мекунем:

28г – хг

$CaO + H_2O \rightarrow Ca(OH)_2$

$x = \frac{28 \cdot 74}{56} = 37$ г $Ca(OH)_2$

56г – 74г

Баромади реаксияро нисбат ба ҳисоби назариявӣ (бо %) ҳисоб мекунем:

37 г – 100%

29,6 г – х

$x = \frac{29,6 \cdot 100}{37} = 80\%$ баромад

**Ҷавоб:** 80%

***С. ШОДИЕВ,***
***доктори PhD-и ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино,***
***Ҷ. АЛИЕВ,***
***донишҷӯи ДБССТ***

**Дар шаҳри Душанбе оид ба таъмини амнияти долонҳои энергетикӣ-нақлиётӣ ва таъсири он ба рушди минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамоиш доир шуд.**

ФАНҲОИ ТАБИӢ

***Ҳангоми омӯзиши фанни биология баъзе аз мавзуъҳои душворфаҳм дар синфи 10-ум вобаста ба ҳалли масъалаҳои генетикӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, дар ин мақола намунаи ҳалли масъалаҳои мазкур пешниҳод мегардад.***



# Масъалаҳои генетикӣ дар дарси биология

Таркиби КДН 15% аденин (А) дорад. Нуклеотидҳои боқимонда, яъне, тимин (Т), ситозин (С) ва гуанин (Г)-ро бо % ёбед.

**Ҳал:**

Аз рӯйи принсипи комплиментӣ назар кунем, миқдори аденин ба тимин ва миқдори гуанин ба ситозин баробар аст. Дар ин ҷо аденин 15% аст. Он гоҳ тимин ҳатман 15% мешавад. Ҷамъ 30% аст. Ҷамъи чор нуклеотид ба 100% баробар аст. Пас, мо аз 100%, 30%-ро тарҳ мекунем. $100\% - 30\% = 70\%$. Дар ин ҷо 70% миқдори ду нуклеотиди боқимонда, гуанин ва ситозин мебошад. Мо 70-ро ба ду (шумораи ду нуклеотид) тақсим мекунем ва миқдори алоҳидаи ду нуклеотиди боқимондаро ҳосил мекунем. $70 : 2 = 35$. Яъне, миқдори гуанин ва ситозин 35%-и мебошанд.

А = 15% А + Т + С + Г = 100%

Т = 15% 15% + 15% + 35% + 35% = 100%

С = 35%

Г = 35%

**Масъалаи 2.**

Силсилаи якуми КДН аз нуклеотидҳои зерин иборат аст: С А Т Т С Г А С Т Г А Т. Силсилаи дуюми КДН-ро ёбед. Шумораи нуклеотидҳоро дар ду силсила ҳисоб кунед. Ҷамъи нуклеотидҳоро дар силсила ёбед. Фоизи ҳар як нуклеотидро дар КДН ёбед.

**Ҳал:**

1. Аз рӯйи принсипи комплиментӣ муқобили аденин тимин ва муқобили гуанин ситозин меоянд. Ва силсилаи дуюми КДН чунин аст:

Г Т А А Г С Т Г А С Т А.

2. Дар ин ду силсилаи КДН 7-то А, 7-то Т, 5-то С ва 5-то Г мавҷуд аст.

3. Дар силсилаи КДН 24-то нуклеотид мавҷуд аст. 7(А) + 7(Т) + 5(С) + 5(Г) = 24 нуклеотид.

4. Инак ба ҳисоби фоиз ҳар як нуклеотидро дар алоҳидагӣ ҳисоб мекунем.

24 то — 100% $x = 7 \cdot 100 : 24 = 29\%$ (А)

7то (А — х%

24 то — 100% $x = 7 \cdot 100 : 24 = 29\%$ (Т)

7то (А) — $x$%

24 то — 100% $x = 5 \cdot 100 : 24 = 21\%$ (С)

5-то (С) — х%

24-то — 100% $x = 5 \cdot 100 : 24 = 21\%$ (Г)

5-то (Г) — $x$%

**Ҷамъ:** 29% (А) + 29% (Т) + 21% (С) + 21% (Г) =100%.

**Масъалаи 3.**

Қатори занҷири КДН дорои чунин нуклеотидҳо мебошад: А С С Г А Г С. Қатори дуюмро аз рӯйи нуклеотидҳои КРН пур намоед. Массаи занҷирро (массаи умумии нуклеотидҳо) ва дарозии занҷирро ҳисоб кунед.

**Ҳал:**

1. Як фарқи КДН аз КРН дар он аст, ки дар КРН ба ҷойи тимин (Т) уратсил (У) омадааст. Яъне, дар КРН муқобили аденин (А) уратсил (У) меояд.

Ва силсилаи дуюм аз рӯйи КРН чунин аст: У Г Г С У С Г.

2. Массаи ҳар як нуклеотид ба 345 баробар аст. Аз рӯйи ин истифода бурда, миқдори ҳамаи нуклеотидҳоро муайян карда, онро ба 345 зарб мезанем, то ки массаи умумии занҷир ҳосил шавад. Дар ин занҷир 14-то нуклеотид аст. $14 \cdot 345 = 4830$ массаи занҷир.

3. Нуклеотидҳо аз ҳамдигар дар масофаи 0,34 нм ҷойгиранд. Ба мо лозим аст, ки дарозии занҷирро ёбем. Мо аз миқдори умумии нуклеотидҳо истифода бурда, онро ба 0,34 нм зарб мекунем, то ки дарозии занҷир муайян шавад. $0,34 \cdot 14 = 4.76$ нм

Хулоса, массаи занҷир 4830 ва дарозиаш 4,76 нм мебошад.

Кислотаҳои нуклеинат полимерҳое мебошанд, ки мономерҳояшон нуклеотид оянд.

Принсипи комплиментӣ, яъне, муқобили аденин (А), тимин (Т) ва муқобили гуанин (Г) ситозин (С) меоянд.

Принсипи комплиментти мазкур аз тарафи олими америкоӣ Чард Гоф кашф шудааст.

***Ҷумъахон ШАРИФОВ,***
***омӯзгори биологияи мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин***

ШЕВАИ ТАДРИС

# Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар кӯдакистон

Имрӯз талабот ба омӯзиш ва донистани ҳадди ақал ду забони хориҷӣ дар ҷомеа зиёд гардида истодааст. Донистани забонҳои хориҷӣ на танҳо омили маърифатнокии инсони муосир, балки асоси некуаҳволии иҷтимоӣ ва моддӣ низ мебошад. Мушкилоти асосии омӯзиши забони хориҷӣ синну соли забономӯз мебошад. Мусаллам аст, ки нисбат ба насли калонсол кӯдакон зудтар метавонанд забони хориҷиро аз худ намоянд. Синни томактабӣ барои оғози омӯзиши забони хориҷӣ мусоидати хос дорад. Кӯдакони ин синну сол забонро ба осонӣ аз худ карда метавонанд. Усулҳои зиёде мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо равандди забономӯзии кӯдакон метавонад самаранoктар гардад. Дар маҷмуъ, ҳамаи усулҳои омӯзиши забони хориҷӣ барои кӯдакон ғайриқолабӣ буда, аз маҳорату сатҳи дониши омӯзгор вобастагии калон дорад.

**Принсипи ҷолибият** яке аз муҳимтарин принсипҳои омӯзиши забон мебошад. Дар ҳар як усуле, ки истифода мешавад, чӣ муҳимтар аст? Албатта, таваҷҷуҳи кӯдак. Бояд таваҷҷуҳи тарбиятгирандаро ба забон, фарҳанг ва халқи ӯ бедор кард. Дар акси ҳол, кӯдак андешаеро ба вуҷуд меорад, ки омӯзиши забони дигар дилгиркунанда ва душвор аст.

**Принсипи шакли** бозӣ фаъолияти асосии кӯдак ба ҳисоб меравад. Бо ёрии он оғози омӯзиши забони хориҷӣ барои кӯдакон осонтар аст. Мувофиқи ин принсипҳо, панҷ усули асосии таълимии забони хориҷӣ барои кӯдаконро пешниҳод мекунем.

**Усули кор бо куб.** Ин усул барои кӯдакони то 3-сола пешбинӣ шудааст. Ба кӯдакон барои бозӣ куб (кубикҳо) дода мешаванд, ки дар онҳо на ҳарфҳо, балки ҳиҷоҳо ва ҳатто калимаҳо навишта шудаанд. Аммо кубҳо набояд якхела бошанд ва аз ҷиҳати андоза, ҳаҷм, вазн, ранг фарқ кунанд. Ин усул ба кӯдакон кумак мекунад, ки қоидаҳои одии грамматикӣ ва синтаксисиро аз худ кунанд. Бо шарофати ин бозӣ тарбиятгиранда метавонад малакаҳои нутқи худро инкишоф диҳад.

**Усули бозӣ.** Ин усулро барои кӯдакони аз 1-сола боло истифода бурдан мумкин аст. Тарзи истифодаи усули мазкур чунин аст: муаллим ба бачаҳо расмҳои ҳайвонот, касбу пешаҳои гуногун ё дигар мафҳумҳои асосиро нишон медиҳад ва болои миз мегузорад. Сипас он расмҳоро бо забони хориҷӣ мехонад ва кӯдакон аз паси ӯ такрор мекунанд. Баъд аз ин, кӯдакон як ҳайвон ё ашёи интихобкардаро дар варақҳои сафед тасвир ва кӯшиш мекунанд, ки номи онро бо забони хориҷӣ ба ёд оранд. Вақте ки кӯдак тақрибан нисфи номи ашёро аз ёд мекунад, омӯзгор кӯшиш мекунад, ки бо ашё муколамаи одӣ ва асосиро анҷом диҳад. Ҳамин тариқ, кӯдакон тадриҷан талаффуз ва нутқи шифоҳиро аз худ мекунанд.

**Усули лоиҳавӣ.** Ин усул барои кӯдакони аз 4-сола боло пешбинӣ шудааст. Он ба дарсҳои мактабӣ монанд аст, бо фарқияти он, ки муаллим мавзуъро ҷиҳати шавқоварии он барои кӯдакон интихоб мекунад. Ҳамин тавр, якчанд дарс мегузаранд, пас аз он метавонанд ба тарбиятгирандагон санҷиш гузаронанд. Ба туфайли ин усул кӯдакон калимаҳоро меомӯзанд, захираи луғавии худро ғанӣ мегардонанд, ки ин дар оянда барои онҳо муфид хоҳад буд.

**Усули кор бо расм.** Ин усули омӯзиши забони хориҷӣ барои кӯдакони аз 5-6-сола боло мувофиқ буда, ба истифодаи хотираи визуалии кӯдакон асос ёфтааст. Ба кӯдакон расмҳое нишон дода мешаванд, ки дар онҳо ашё ва номи он тасвир шудаанд. Барои оғоз мо бояд ба кӯдак тақрибан 5 расмро нишон диҳем ва калимаҳоро равшан гӯем. Пеш аз ҳар як дарси минбаъда, мо бояд расмҳоро омехта кунем. Дар тӯли якчанд рӯз 5 расм илова мекунем, чун ба кӯдакон дар хотир доштани калимаҳои нав осонтар мегардад. Бо ин усул кӯдакон дар хотир доштани калимаҳои навро меомӯзанд.

**Усули омехта.** Синну соли кӯдакон бо ин усул вобаста ба мураккабии супоришҳои иҷрошаванда аз 1 то 5-6 сол фарқ мекунад. Машғулиятҳо бо ин усул дар шакли дарс гузаронида мешаванд ва тамоми шаклу усулҳои дар боло зикршударо дар бар мегиранд. Ҳамин тавр, кӯдакон усули дурусти талаффузи вожаҳоро ёд мегиранд, бозӣ мекунанд, расм мекашанд, суҳбат мекунанд. Бо ин равиш дарсҳо гуногун ва шавқовар баргузор гардида, ҳавасмандии тарбиятгирандагонро бештар менамоянд.

Барои зудтар омӯзонидани забони хориҷӣ лозим аст, ки нахуст ба кӯдак муҳити забономӯзиро фароҳам орем, ба тасвирҳои визуалии рангоранг бештар диққат диҳем. Ҳамин тавр, кӯдак калимаҳоро зудтар ба ёд меорад.

Аз ҷиҳати илмӣ исбот шудааст, ки омӯзиши забон осонтар аст, агар кӯдак аз синни 3-4 ба он одат кунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки методологияро бо дарназардошти хусусияти кӯдак, ба таври инфиродӣ интихоб кунем.

Хулоса, аксари усулҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ маҳз ба фаъолияти бозии кӯдакон асос ёфтааст, зеро бозӣ воситаи рушди тафаккури кӯдак аст.

***Шаҳноза УМАРЗОДА,***
***омӯзгори забони хориҷии кӯдакистони №12-и ноҳияи Мастчоҳ***

ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ

# Ҳадаф: самаранокии таълим

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», ки таҳти сарпарастӣ ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад, сол то сол теъдоди бештари довталабонро ҷалб менамояд. Ташкилу баргузории чунин озмунҳо барои рушди тафаккури эҷодӣ, таҳлилӣ ва илмии ҷавонон, боло бурдани нуфузи илм дар ҷомеа, ташаккули насли нави олимон аҳаммияти хеле бузург дорад.

Боиси ифтихор аст, ки Юсуфҷон Домуллоҷонов, мутахассиси пешбари Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи шаҳри Хуҷанд ва омӯзгори технологияи иттилоотии филиали Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони вилояти Суғд, дар озмуни мазкур дар номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ миёни ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал гардид.

Ю. Домуллоҷонов фаъолияти кории худро соли 2008 ҳамчун омӯзгори технологияи иттилоотӣ дар МТМУ №15-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз намуда, дар баробари ин, ҳамчун мутахассиси пешбар дар Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди раёсати маорифи вилояти Суғд кор кардааст.

Солҳои 2016-2020 ҳамчун директори Маркази ТИК-и назди шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд ва директори Маркази ТИК дар назди раёсати маорифи вилояти Суғд фаъолият доштааст.

Аз соли 2019 то 2021 дар лоиҳаи «Читаем вместе» («Бо ҳам мехонем») ҳамчун тренер дар асоси шартнома кор карда, дар лоиҳаи «Учимся вместе» («Бо ҳам меомӯзем») дар нақши мастер-тренер / таҳиягари маводи таълимӣ оид ба ТИК / фаъолият намудааст.

Дастовардҳои арзандаи Юсуфҷон Домуллоҷонов дар соҳаи ТИК, пеш аз ҳама, ба низоми коркарди иттилоот дар раванди таълим, ташкили вебсайт ва китобхонаи электронӣ, барномаи автоматии ҷамъоварии ҳисоботи кабинети ТИ равона гардидааст. Китобҳои «Асосҳои барномасозӣ» ва «Дастурамал оид ба истифодаи тахтаи интерактивӣ (электронӣ)»-ро ба чоп омода намудааст.

Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», ки рӯзи 1 ноябри соли 2025 дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҷамъбаст гардид, вилояти Суғд бо ба даст овардани 35 ҷой (3 ҷойи якум, 16 ҷойи дуюм ва 16 ҷойи сеюм) сазовори ҷойи дуюм дар байни дастаҳои дигар минтақаҳои кишвар гардид.

Юсуфҷон Домуллоҷонов дар озмуни мазкур оид ба лоиҳаи «EduSpace воситаи муосири рақамисозии таълим» суханронӣ намуда, аз тарафи ҳайати ҳакамон ба гирифтани холҳои баландтарин сазовор гардид.

EduSpace – платформаи рақамӣ барои арзёбии сифати таҳсилот мебошад, ки барои идоракунии тестҳо, таҳлили натиҷаҳо, сабти ном ва арзёбии сифати таълим тарҳрезӣ шудааст.

Ин система барои муассисаҳои таълим пешбинӣ гардида, ҳадафи он осон кардани раванди гузаронидани тестҳо, идоракунии таълим ва пайгирии самаранокии омӯзиши муҳассилин мебошад.

**Имкониятҳои асосӣ.** Тестгузаронӣ ва баҳогузорӣ: гузаронидани тестҳо дар шакли электронӣ бо ҳисобу таҳлили автоматии натиҷаҳо.

Истифодаи зеҳни сунъӣ (ИИ): система барои ҳар як хонанда ҷавобҳои нодурустро таҳлил намуда, аз рӯйи «харитаи омӯзиш» роҳҳои такмили донишро пешниҳод мекунад.

Таҳлил барои омӯзгорон: омӯзгор метавонад тавассути графикҳо ва ҳисоботи визуалӣ ҳолати азхудкунии фанни худро аз ҷониби хонандагон мушоҳида кунад.

Сабти ном ва идоракунии хонандагон: система дорои модулҳои идоракунии корбарон, синфҳо, фанҳо ва натиҷаҳои тест мебошад.

Ғолибият дар озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» барои Юсуфҷон Домуллоҷонов натиҷаи заҳматҳо ва омӯзиши пайваста ва дар амал ҷорӣ намудани илм бо истеҳсолот мебошад.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

*Бадандеши мардум ба ҷуз бад надид,*
*Бияфтоду оҷизтар аз худ надид.*

*Саъдии Шерозӣ*

**МАШЪАЛОНИ МАОРИФ**

# Устодони забонҳои хориҷии ман

Дар замони муосир яке аз роҳу шеваҳои соҳиби тафаккур ва ҷаҳонбинии пешрафта, инчунин, касбу ихтисосҳои дархӯр ба ниёзҳои ҷомеа гардидани насли наврас ва ҷавонон омӯзиш ва дар сатҳи аъло аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Воқеан, масъалаи мазкур умда ва меҳварӣ буда, бо иқдом ва ғамхориҳои рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба омӯзиши густарда ва самарабахши забонҳои хориҷӣ корҳои зиёде анҷом дода мешавад. Бояд таъкид кард, ки дар таълиму омӯзондани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, хитоӣ, куриёӣ, фаронсавӣ…) нақши омӯзгорони соҳибтахассусу ҳирфаӣ бағоят бузург мебошад. Маҳз омӯзгор ҳамчун неруи меҳварӣ ва таконбахш ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим ва донишазхудкунии хонандагон аз забонҳои русӣ, англисӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Яъне, омӯзиши забонҳои хориҷӣ имрӯз аз маҳорату малака ва донишу ҷаҳонбинии баланди омӯзгор вобастагии амиқ дорад.

Аз таҷрибаи омӯзишу аз худ кардани забонҳои русӣ, олмонӣ ва англисӣ дар давраи хонандаи муассисаи таълимӣ буданам мисол меорам, ки шаҳодати барҳақи ҷойгоҳи шоиста ва ҳалкунанда доштани омӯзгорони забонҳои хориҷиро тасдиқ менамояд. Ҳанӯз аз синфи дуюм ба омӯзиши забони русӣ аз рӯйи китоби ҳаҷман бузургу барҷаста, яъне, «Букварь» шуруъ намудем, ки омӯзгори ин фан Людмила Василевна Эрмантраут ҳисоб меёфт. Бонуи ҷавони сарвболои наҳифпайкаре буду бас ҷиддию сахтгирона бо мо-шогирдон муносибат мекард. Машғулиятҳояшро ончунон дар сатҳи баланд мегузаронд, ки ягон лаҳза ё дақиқа ба амали беҳуда сарф намешуд.

Чусту чолок, пурдон ва серҳаракат буду ҳар як мавзуъро бо талаффузи дурусту шарҳи калимаҳо дар такя бо хонандагон тафсиру тавзеҳ мебахшид. Ба иҷрои ҳамаи лаҳзаҳои дарс бо маҳорату қобилияти ҳайратангез вақт меёфту расидагӣ мекард. Матни мавзуи навро мехононд, ба талаффузи овозҳою хониши мо таваҷҷуҳи хосса зоҳир ва ғалатҳоро зуд ислоҳ мекард. Нақли пораи хондашударо аз хонандагон пурсон мешуд. Агар рафту дар нақли матн (афсона, ҳикоя…) мушкилӣ мекашидем, ба таъҷил ба кумакамон мерасид. Як шеваи таълим додану ба мо таъкид кардани аз ёд намудани калимаю луғатҳоро дар он медид, ки дар тахтаи синф марбут ба ҳарфҳои гузаштаамон дар сутунҳои алоҳида вожаҳо менавишт. Мо бо навбат ин калимаҳоро талаффуз мекардему муаллима супориш медод, ки бо ин вожаҳо ҷумлаҳо созем. Мо перомуни синфи худ, мактаб, манзараҳои табиат ва амсоли инҳо ҷумлаҳо тартиб медодем.

Лариса Василевна кам механдид, талаботаш қатъӣ буд. Шеъру сурудро зиёд дӯст медошт ва тақрибан дар ҳар як машғулият шеъре аз шоирони бачагонаи рус қироат мекард ва пас мо ҳамроҳаш бо як овоз шеърро такрор мехондем. Дар хона ҳамеша супориш медод, ки шеъреро ҳифз карда оем. Неку дар ёдам мондааст, ки он айём шеърҳои аҷибу шавқовар ва содаи «Солнишко», «Гуси, гуси», «Осен», «Ой,ой, моя подруга», «Зима» ва ғайраро аз тахти дил мехондему аз ёд мекардем.

Шуруъ аз синфи сеюм муаллимаи забони русии мо Любов Андреевна Гнатко ба сабақ додани мо пардохт. Дар қиёс бо Лариса Василевна калонсолтар менамуду ҳамвора бо назокату меҳр ва орому мулоим ҳарф мезад. Лабханди нафисе доиман чеҳраашро зеб медод. Аз машғулиятҳои муаллима низ шеъру луғатҳои зиёде аз худ карда, дар навиштани ҳикоячаву иншо аз рӯйи расм андак-андак маҳорат пайдо кардем. Любов Андреевна дӯст медошту准 меписандид, ки мо-шогирдон бештар дар хусуси ину он мавзуъ ё мавҷудоти гирду атроф ба таври шифоҳӣ нақл кунем. Ба ҳолати дафтарҳои хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард. Ману ҳамсинфонам Баҳриддин, Исматулло, Сония, Хайрулло, Ҳаким, Маҳмадамин, Моҳбӣ ҳусни хатти зебою ҷаззобе доштем. Муаллима қариб дар ҳар дарс дафтарҳои моро ба сифати намуна ба аҳли синф намоиш медод ва таъкид мекард:

– Мана, дидед ҳусни хатро. Ана ҳамин хел бояд навишт.

Муаллима баъди баёни мавзуи нав бо тартиб аз рӯйи ҷойгиршавии партаҳо, моро як-як ба мизи наздаш даъват мекарду матнро мехононд. Ҳама, ба бахти мову муаллима, хондаву талаффуз карда метавонистем. Ман имрӯз бо дили пур гуфта метавонам, ки муҳаббати беканори адабиёти русро маҳз Любов Андреевна Гнатко дар қалби мо ҷой карда буд. Дар синфи чорум аз китоби дарсии «Книга для чтения» бори аввал бо адиби нобиғаи рус Лев Толстой шинос шудем. Дар китоб ҳикояи ӯ – «Ҷаҳиш» ҷой дода шуда буд. Ҳанӯз расме ҳам, ки дар яке аз саҳифаҳои китоб мавҷуд буд, ки дар кадом гӯшаи хотираам маҳфуз мондааст. Воқеаи ҳикоя дар киштӣ мегузарад. Он ҷо маймуне ҳам ҳаст, ки ба нӯги сукони киштӣ мебарояд. Баҳрнавард, агар хато накунам, аз пайи маймун боло мешавад. Оқибат ӯро наҷот медиҳад. Ҳикоя шавқовар, ҷолибу муассир буд, ки мо аз нақли муаллима сер нашудем. Ҳамон ҳангом шӯреву шавқе беинтиҳо дар кошонаи дилам сар кашид: бояд дигар навиштаҳои Л. Толстойро дарёфта мутолиа кунам. Любов Андреевна ба қавоиду қавонини сарфу наҳви забони русӣ бениҳоят ҷиддӣ муносибат намуда, ҷузъиёту нозукиҳои таърифи ҳиссаҳои нутқ, аъзои ҷумла, падежу шумораҳо ва тарзи дурусти навишти калимаҳоро ба таври содаву фаҳмо шарҳу тавзеҳ медод.

Ҳоло ҳам, агар аз ман падежҳоро бо саволҳояш, бандакҳоро, қоидаҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ ва аъзои ҷумларо пурсанд, бе хато гуфта метавонам, ки ин ҳама таъсиру нақши файзбори сабақҳои Любов Андреевна мебошад. Любов Андреевна истеъдоди бузурги омӯзгорӣ дошт. Ҳеҷ гоҳ мушоҳида накардаам, ки боре ҳам дарсро хушку дилгиркунанда ва бо табъи гирифта ташкил ва баргузор намуда бошад. Ҳастию вуҷудаш аз меҳри шогирдон, шавқи беинтиҳои баргузор намудани дарс дар сатҳи баланд, нақлу қироати ашъори шоирони рус ва асарҳои насрии эшон моломоли эҳсосу ҳаяҷони нишотангез мегардид.

Иштибоҳ накунам, дар синфи ҳаштум повести нависандаи оламшумули рус Николай Василевич Гогол – «Тарас Булба»-ро гузаштем. Дар ҳақиқат, асари асили адабиёт буд «Тарас Булба», ки дар маънидоду тафсири пораҳои он Любов Гнатко худро фаромӯш мекарду ба олами дигар меафтод, замони муборизаю муқовимат ва ҷангҳои шадид бар зидди душманони кишвари русро, ки ҳосили он ҳама ҷуз марги одамони бегуноҳ ва сӯзу дарди фироқ дигар чизе набуд, ба риштаи тасвир кашида буд. Хусусан, ҳангоме ки муаллима саҳнаи қатли Остаписари Тарас Булбаро аз ҷониби падар, ки ӯ (Остап) чун хиёнатпеша ба тарафи душман мегузарад, нақл мекард, пайкараш аз аламу дард меларзид, сиришки талх дар чашмонаш мавҷ мезад, лаҳзаҳое сукут мекарду ба муроқиба мерафт, оҳ мекашид. Оре, мегирист, мегиристу повестро нақл мекард, сарнавишти фоҷеаомези Тарас Булбаю дигар писаронашро бо андуҳе тасаввурнопазир рақам мезад. Мо низ нафаҳмидаву дарк накарда мемондем, ки чӣ тавр ашк аз дидаҳои муаллима қатра-қатра ба рухсораҳояш мешорад. Ин чӣ ҳолате буд? Муъҷизаю таъсири асари бадеӣ, нақли мутаассиркунандаю пурдарди муаллима ё эҳсоси бузурги одамияти баланди Гоголу муаллима? Кадом яке?! Ҳам ину ҳам он. Акнун дар радифи Л. Толстою Некрасов ба ҷустуҷӯи асарҳои Н. Гогол шуруъ намудем ва қиссаи дигаре, ки аз ин адиби бемислу монанд мутолиа кардам он замон, «Шабнишиниҳо дар назди хутори Диканки» ба шумор мерафт, ки бо тасвирҳои ҷодуию тахайюлӣ ва ривоятгунааш маро хеле тасхир карда буд. Ҳамин сабку шеваи дарсгузарии муаллимаро ҳангоми таълими эҷодиёти Н. Некрасов (достонҳои ӯ), А. П. Чехов (ҳикояи «Одам дар ғилоф»), С.Есенин («Тӯси сафед», «Тирамоҳ»), М. Горкий – «Афсонаи Данко», М. Шолохов – «Холи модарзод», А. Толстой- «Характери рус», Мӯсо Ҷалил- «Аз дафтари Маобит» ва ғайра мушоҳида карда будам. Мо ба шарофати таъкидҳои пайдарпайи Любов Андреевна Гнатко ашъори А. С. Пушкин («Муҷассама», «Дар Сибир», «Тирамоҳ»), М. Лермонтов («Бодбон», «Марги шоир»), В. Маяковский, Э. Багрицкий ва ғайраро такрор ба такрор мутолиа ва ҳифз мекардем.

Любов Андреевна аз нахустин муаллимаҳои рус буд, ки моро барои иштирок дар олимпиада аз фанни забони русӣ омода мекард. Ман чанд дафъа дар озмунҳои сатҳи ноҳиявию минтақавӣ ширкат карда, қадрдонӣ ҳам шудаам. Дар масъалаи аз худ намудани забони русӣ нақши корҳои хаттие, ки муаллима ба роҳ мемонд, хеле таъсиргузор буд. Имлои санҷишӣ (диктант), нақли хаттӣ (изложение) ва иншо (сочинение), ки менавиштем, донишу саводи хаттии моро рушду сайқал ва такомул мебахшид. Маҳфили фанние, ки Любов Андреевна ҳар моҳ як бор баргузор менамуд, бо мухтавою ҷанбаҳои фарогираш ба нерую қобилияти эҷодии мо такон мебахшид. Ҳамин гуна муаллимаи озоданазару заҳматкаш ва ҷӯяндаву кӯшо буд Любов Андреевна Гнатко, ки умре аз ӯ миннатдорам.

Бояд зикр кард, ки он замон дар таълимгоҳҳои ноҳияи Рӯдакӣ асосан аз забонҳои хориҷӣ, забони олмонӣ омӯзонида мешуд. Аз ин фан ба мо ҷавонзани кушодачеҳраи меҳрубон, ки шогирдонро ҳамчун фарзанди хеш дӯст медошт, Екатерина Герберовна Тевс таълим медод. Омӯзиши забони олмониро аз синфи панҷум, аз шиносоӣ ва тадриҷан аз худ кардани алифбои ин забон шуруъ кардем. Дар ҳар як машғулият Екатерина Тевс аз васоити аёнии чопӣ истифода мекард. Чун ҳарфҳоро ба таври мукаммал омӯхта, аз бар намудем, ба муколамаву муошират ва нақли хаттию шифоҳии матну ҳикояҳо пардохтем. Забони олмонӣ ҳам вижагиҳои грамматикии худро дошт, ки бо он қоидаву таърифҳо марҳала ба марҳала шинос шудаву ба умқи нозукиҳояш фурӯ рафтем. Муаллима бар он ақида буд, ки забони немисиро бештар аз суҳбату гуфтугӯ мешавад, осонтар омӯхту аз худ кард. Аз ин рӯ, вай бар замми иҷрои машқҳои китоби дарсӣ ва саволу супоришҳо, хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, дар назди тахтаи синф муколама меорост. Гурӯҳе савол медоду гурӯҳи дигар саъйю талош намуда, ба ин саволҳо посуххои саҳеҳ медод. Ҳамчунин, қариб дар ҳар як машғулият аз саҳнаҳои рангину шавқангези намоишӣ, ки иҷрокунандаи нақшҳо мо-хонандагон маҳсуб меёфтем, истифода мекард. Дар ҳар дарс қисматеро ба навиштани вожаву луғатҳо ва маънидоду дарки онҳо ҷудо мекард. Ва ба хона супориш медод, ки ин калимаҳоро ҳифз кунем.

Машғулиятҳои муаллима серпаҳлу, фарогир ва рангорангу тасхиркунанда мегузашт. Вай маъмулан дар як дарс ба таври илова дар хусуси мутолиаву омӯзиши асарҳои бадеӣ, дар машғулияти дигар дар хусуси масоилу фарҳангу санъат, театру синамо ва дар дарси савум перомуни шахсони барӯманди ҷумҳурӣ, қаҳрамонони соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ҳикоятҳои аҷибу омӯзанда мекард. Яке аз фазилатҳои неки муаллима, ташкил ва баргузор намудани озмуну сабқатҳо аз фанни забони олмонӣ ба шумор мерафт, ки «Ҳусни хати беҳтарин», «Ровии доно», «Саргузашти ибратомӯз» (нақли шифоҳӣ), «Кишварҳои ҷаҳон» ва амсоли инҳо аз зумраи чунин озмунҳо буданд. Муаллима рӯзномаи девории умумимактабии «Неметское слово»-ро ҳар моҳ мебаровард ва дар таҳияву ҷо ба ҷо намудани мақолаю матолиби он, бо хати хонову равшану пурҷило сабт кардани ин навиштаҳо ёвару мададгори он кас будам ман. Дар рӯзномаи девории «Неметское слово» дар гӯшае хонандагони фаъолу пешқадам ва аълохонро бо суратҳояшон мегузошт ва ҳамин омил ҳавасмандию шавқу талоши хонандагонро ба омӯхтану аз худ кардани мавзуъҳои дарсӣ ба маротиб меафзуд.

Мо забони олмониро се сол (5-8) дар мактаби зодгоҳамон-деҳаи Моинкаҷ (ҳоло МТМУ №51-и ноҳияи Рӯдакӣ) омӯхта, бо саъю кӯшиш ва талошҳои муаллима Екатерина Гербертовна Тевс бо ин забон хондану навиштан ва такаллуму суҳбат карданро дар сатҳи хеле хуб аз бар намудем. Муаллима барои ба таври аёнӣ ва табиию хотирмон гузаронидани мавзуъҳои дарсӣ агар як дарс телефон орад (бо мақсади суҳбати ду нафар аз ду канори «шаҳр»), дарси дигар соати бузурги девориро рӯ ба рӯйи мо дар девор овезон мекард, ин гуна аз ашёи мухталиф-меваҷоту тӯбҳои футболу баскетболу волейбол, китобҳои бадеӣ ва ғайра истифода мекард. Бас дилангезу мафтункунандаю рангин ба роҳ мемонд машғулиятҳоро, ки то ҳол дар ганҷинаи хотиротам он ҳама машғулиятҳои муаллима бо кулли ҷузъиёташ маҳфуз мондааст. Азбаски таълимгоҳи деҳаи мо ҳаштсола буд, мо ба таҳсил дар синфҳои 9 ва 10 дар дабиристони шаҳраки Нефтяник (ҳоло Ганҷобод), ки тақрибан се километр аз деҳаи мо фосила дошт, идома бахшидем. Ва дар мактаби №205 (ҳоло №48-и ноҳияи Рӯдакӣ) ба мушкили тозае дучор шудем. Гап дар сари он ки дар муассисаи мазкур забони англисӣ меомӯхтаанд. Мо, ки то ба ин ҷо омадан забони олмониро омӯхтаву аз худ бинмуда будем, бо тасмими роҳбарияти мактаб акнун маҷбур будем, ки зарфи ду сол забони англисиро аз рӯйи барномаи таълимӣ барои синфи панҷ биомӯзем. Ҳайрону парешон дар чорроҳа мондем. Вале ин азоби руҳии моро омӯзгори забони англисии таълимгоҳи зикршуда Валентина Кузнетсова басо аҷиб ва ба майли дили мо ҳал кард. «Ҳал кард» ба ин маънист, ки машғулиятҳояшро маҳз дар заминаи талаботи барномаи таълимии забони англисӣ барои синфи панҷ бо гурӯҳи хонандагони аз деҳаи Моинкаҷ омада содаву фаҳмо ва дар ғояти осонбаёнӣ мегузаронд. Ба ҷуз ин, ҳафтае як бор машғулияти иловагӣ ташкил ва ба роҳ мемонд, ки мо муштоқона онро интизор мешудем. Валентина Кузнетсова зани миёнаумри хоксор, маҳину ширингуфторе буд. Агар мо ба дарс бо омодагии комил омада, ба саволҳояш посуххои мушаххаси қонеъкунанда медодем, модарвор сарамонро навозиш ва китобчае суратдор ва рангаеро бо забони англисӣ туҳфаамон мекард, ки аз ин муносибат дигар заминро аз осмон фарқ намекардему бесаброна лаҳзаи фориғ гардидан аз дарсҳо ва ба хона расидану модар ва ба бародарону хоҳаронамон китобчаро нишон додану ифтихормандии худро баён намуданро мунтазир мешудем. Ҳай лаззату кайфияте дошт, лаҳзаи расондани муждаи навбатӣ. Муаллима аз дастгоҳи кучаки филмнамоишдиҳӣ истифода карда, дар бештари дарсҳо наворҳои тарбиявию ахлоқии ба синну соли мо мувофиқро ба маъраз мегузошт. Дар хусуси эпизод ва қаҳрамонони ин сюжаҳо бо англисӣ нақл мекард ва мо пас аз ӯ фикрҳоямонро бо забони англисӣ то ҳадди фаҳмишу тавони худ баён менамудем.

Як усули маъмул, вале дар айни ҳол муассиру дӯстдоштаи муаллима кор бо варақаҳои супоришӣ ба ҳисоб мерафт, ки мо ба василаи посух гуфтан ба саволу супоришҳои муаллима хеле калимаю таърифҳоро аз забони англисӣ ҳифз кардем ва то ҷое аз қонунмандиҳои сарфию наҳвии ин забон иттилоъ ва огоҳ гардидем. Муаллима барои ҳавасманд кардани хонандагон дар масъалаи хушнависӣ гӯшаи «Дафтарҳои беҳтарин»-ро ташкил карда буд. Мо тӯли як сол на танҳо бо овозу ҳарфҳои забони англисӣ ошно шудему аз худ намудем, балки акнун озодона бо ҳамдигар суҳбат мекардем, пурсишу посух анҷом медодем. Дар синфи даҳум матну супоришҳои грамматикӣ мураккабтару мушкилтар гардида, аз мо бештар заҳмат кашидану омӯхтан тақозо мешуд. Ва азбаски аксари мо ҳавои ба ину он мактаби олӣ дохил шуданро дар сар мепарваридем, пайваста аз муаллима саволҳои нофаҳморо мепурсидем, аз он кас хоҳиш мекардем, ки зудзуд маҳфили фаннӣ ва машғулияти иловагӣ гузаронад. Ҳатто ин тавр ҳам иттифоқ меафтод, ки рӯзҳои шанбе (баъди нисфирӯзӣ) ва якшанбе (ба пуррагӣ) ба хонаи муаллима, ки дар маҳаллаи «Кирпичний»-и шаҳри Ваҳдат воқеъ гардида буд, мерафтем ва аҷаб хушҳолию масаррате тасаввурнопазир фаро мегирифт муаллимаро!

Саъйю азм ва кӯшишиҳои мо бар абасу зоеъ нарафт. Соли 1981 ман ба факултети филологияи тоҷики ДМТ (он ҳангом УДТ ба номи В. И. Ленин) бо сари баланд дохил шудам. Ва аз имтиҳони забони англисӣ баҳои «чор» гирифтам.

Инак аз он айём солҳои зиёде гузаштанд, аммо ман ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ хидматҳои омӯзгорони забонҳои русӣ, олмонӣ ва англисиро, ки зикрашон дар боло рафту дар рушду пешрафти камолоти маънавии банда нақши нозудудание гузоштаанд, фаромӯш нахоҳам кард.

***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Бӯстон то имрӯз 224 иншоот бунёд шудааст.**

ПОСИ ХОТИР

# Садоқатманд

Инсонҳои бомаърифат ва соҳибназар, воқеан, ба мисли чароғ дунёи дили дигаронро нуру зиё ва сидқу сафо мебахшанд. Карими Ҳасан Аъзамзод - мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи МИҲД-и ноҳияи Ашт аз зумраи чунин шахсиятҳои фарҳангӣ буда, умри азизи хешро сарфи илм ва тарбияи насли нави тоҷик, ҳақталошӣ, адлу баробарӣ намуда, дар ин ҷода ба дастовардҳои боло ноил гардидааст. Мавсуф роҳбари дилсӯз, масъулиятшинос ва шахси пуркору дурандеш ва равшанфикр мебошад. Бо фурутанӣ ва хулқу атвори намунавии худ дар ҷомеа ҷойгоҳи махсус пайдо кардааст. Ӯ аз зумраи он афродест, ки ҳузураш ба атрофиён неру, суханаш рӯҳ ва амалаш ибрат мебахшад. Ҳар кореро, ки ба зимма мегирад, бо масъулияти баланд анҷом медиҳад.

Ӯ ҳар куҷо қадам гузорад, он ҷо ҳавои гарм, фазои дӯстӣ ва эҳсоси самимият пайдо мешавад. Ба қавле, дар атрофи чунин одамон «ғубори дил» тоза мешавад. Суханҳояш пурмағзу ҳикматомезанд ва руҳро болида мегардонанд. Ҳар касе бо ӯ ҳамсуҳбат шавад, соати тӯлонӣ ғаму ташвишҳои худро фаромӯш мекунад. Одамон бо ӯ нишаста, аз як тараф, хушҳол мешаванд, аз тарафи дигар, дар паси ҳар шӯхии нозуки ӯ панду таҷрибаи ҳаётиро дарк мекунанд.

Ноҳияи Ашт, ки бо табиати зебо ва мардумони меҳнатқаринаш шуҳрат дорад, имрӯз ба шарофати чунин фарзандони содиқ бештар рушд меёбад. Мавсуф аз он афродест, ки дар пешрафти ин ноҳияи бостонӣ саҳми намоён мегузоранд. Каримӣ Ҳасан Аъзамзод дар ободонӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, бунёду дастгирии ҷомеа, рушду нумуъ ва зебоии ноҳия пайваста заҳмат мекашад.

Ӯ бо илму хирад, таҷриба ва ҷаҳонбинии васеи худ, бо рафтораш ба ҷавонон меомӯзонад, ки роҳи комёбӣ танҳо аз меҳнати ҳалол, покиҷдонӣ ва донишомӯзӣ ба даст меояд. Судмандтарин кор аз худ намудани илму дониш аст. Ин аст, ки Давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи донишандӯзии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, тамоми шароитро дар ҷодаи аз худ намудани илму маърифат фароҳам овардааст.

Раванди кору зиндагии эшон нишон медиҳад, ки адолат, ростқавлӣ ва инсондӯстӣ неруи асосии пешрафт мебошад.

*Фирӯз РОЗИҚОВ,*
*Ҷалолиддин НАЗИРОВ,*
*Салоҳиддин ПИРОВ,*
*кормандони Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Маърифатпарвар



Хислату рафтор, кирдор ва амали шоиста намои ҳар шахс ба шумор меравад. Банда ҳеҷ гоҳ хислатҳои неки инсонии омӯзгори варзида ва собиқадори маориф Абдувалӣ Мирзоалиевро фаромӯш нахоҳам кард. Абдувалӣ Мирзоалиев аз моҳи сентябри соли 1990 то моҳи декабри соли 1992 роҳбари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буду ман муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия.

Ҳисси масъулиятшиносӣ, серталабӣ ва покиҷдонии устод А. Мирзоалиев буд, ки раванди таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ дар сатҳи баланд ҷараён дошт. Новобаста ба вазъи душвори солҳои 1992-1993, ин ҷавонмарди фидокору ватандӯст тавонист, ки дар назди бинои мактаб се синфхона ва як маҷлисгоҳ бунёд намояд. Роҳбари муассиса мудом талаб менамуд, ки омӯзгорон дар гузаронидани дарсҳо бомасъулият бошанд ва ба таълиму тарбияи хонандагон ба саҳлангорӣ роҳ надиҳанд. Моҳи октябри соли 1992 омӯзгорон маоши худро гирифта натавонистанд. Маро, ки вазифаи муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбияро ба уҳда доштам, ба наздаш даъват намуда гуфт: «Маоши омӯзгоронро пардохт кардан лозим, чӣ бояд кард?» Посух додам: «Чизе гуфта наметавонам». Хеле фикр карда гуфт: «Шароит вазнин аст, зану фарзандони омӯзгорон аз норасидани маводи ғизоӣ танқисӣ мекашанд, ҳисобашро меёбам. Аз ягон соҳибкор қарз гирифта, баъд баргардонида медиҳам». Ба ман супориш дод, ки рӯйхати маоши омӯзгоронро омода намоям.

Ҳамин тариқ, омӯзгорон сари вақт маошашонро гирифтанд. Вақте омӯзгорон фаҳмиданд, ки дар додани музди меҳнат директори муассиса саҳмгузорӣ намудааст, арзи сипосу миннатдорӣ карданд.

Абдувалӣ Мирзоалиев бениҳоят шахси эҳсонкору хайрхоҳ буд. Соли 1993 шароити зиндагӣ вазнин буд. Он вақтҳо оилаи Абдувалӣ дар шаҳри Душанбе кор мекард. Абдувалӣ тахминан дар 2 ё 3 моҳ як бор ба хонаи падараш Мирзоалӣ Мавлонов, назди бародаронаш меомад. Он вақтҳо падараш ҳамроҳи модараш Робиямо дар деҳаи Яхшои ноҳияи Шамсиддин Шоҳин зиндагӣ мекарданд. Вақте ки ба деҳаи Ориён меомад, ҳатман маро ба хона даъват мекард. Дар сари дастархон нишаста, бо ҳам суҳбат мекардем. Абдувалӣ хатмкардаи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, шахсияти закӣ, нуктасанҷ ва донишманд ба ҳисоб мерафт. Адабиёт ва осори мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷикро хеле дӯст медошт.

Абдувалӣ дар садамаи нақлиётӣ соли 1999 аз олам даргузашт. Тарбияи кӯдакони хурдсол ба зиммаи модари хонадон - апаи Қутбия афтод. Акнун, ки Фирдавс, фарзанди калонии Абдувалӣ Мирзоалиев Академияи милитсияро хатм намуда, ба фаъолият шуруъ намуда буд, сарварии хонадонро ба дӯш гирифта, бо маслиҳати модар фарзандони падарашро ба зери боли худ гирифт. Қутбия Ҳомидова номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Фарзандони дигари Абдувалӣ Мирзоалиев соҳибмаълумот буда, дар соҳаи гуногуни кишвар фаъолият менамоянд.

*Гадоӣ САЙДАЛИЕВ,*
*сокини ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ*

# Дастури муфид оид ба назарияи адабиёт

***Китоби нави олими маъруф, профессори кафедраи адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ, устод Абдулҳай Маҳмадаминов «Назарияи адабиёт» (дастури таълимӣ) аз чоп баромад. Китоби мазкур дар баробари фарогирии барномаи таълимии фанни назарияи адабиёт ва тавзеҳу тавсифҳои судманд, барои таълими мавзуъҳои асосии фан ҳангоми баргузории дарсҳо ба устодону шогирдон барои хубтару беҳтар аз худ кардан кумак мерасонад.***

Назарияи адабиёт дар низоми таҳсили фанҳои марбути илми адабиётшиносӣ барои шинохт ва маърифати осори адабӣ, омӯзишу таҳқиқи осори адабии гузаштаю муосир аз аҳаммияти хосса бархӯрдор аст. Ба ҳамин хотир, устод А. Маҳмадаминов дар бахши аввали китоби мазкур масъалаи собиқа ва таърихи ташаккули илми адабиётшиносии муосири тоҷикро тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки улуми муосири суханшиносии тоҷикӣ дар шакли илмию муназзам ва муосир аз нашри «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ (1926) шуруъ мешавад.

Соли 1936 нахустин китоби дарсии фанни назарияи адабиёт аз тарафи донишманди дар он солҳо ҷавон Шарифҷон Ҳусейнзода «Назарияи адабиёт» ба нашр расид. Ин китоб, воқеан, дар он солҳо барои муаллимони фанни адабиёт, устодони факултетҳои филология аз ҳар ҷиҳат муҳимму зарурӣ буд. Вай барои шинохти воқеии адабиёт, маърифати мазмуну мундариҷаи асар, дарки ҷанбаҳои ҳунарию зебоишиносии осори адабӣ ва махсусан, нақду таҳлил ва таҳқиқи эҷодиёти адибон, равандҳо ва мактабҳои адабӣ ва ғайра нақши муҳим мебозад. Ба ҳамин хотир, фанни мазкурро ба гурӯҳи фанҳои таълимии ҳатмӣ дар факултетҳои филологӣ ворид карданд, ки комилан дуруст ва мантиқист.

Устод А. Маҳмадаминов бо ишора ба моҳияти илмию методии китобҳои дарсии фанни назарияи адабиёт, ки дар солҳои гуногун аз тарафи донишмандон ва устодони фанни номбурда Ю. Бобоев, Р. Мусулмониён, А. Л. Спектр, С. Саидов, Б. Мирсаидов, Ч. Ҳамроҳ, С. Эмомалӣ ба нашр расиданд, таъкид менамояд, ки соли 1985 барномаи дарсҳои назариявию амалии фанни номбурда аз тарафи устоди зиндаёд, профессор Р. Мусулмониён таҳия гардида, ба нашр расид.

Устод А. Маҳмадаминов моҳият ва арзиши аксари барномаҳои фанни таълимии назарияи адабиёт ва китобҳои дарсии то имрӯз дар Тоҷикистон ба нашррасидаро баррасӣ ва қайд мекунад: «Китоби «Назарияи адабиёт»-и Р. Мусулмониён, ки натиҷаи захираҳои дониши дар тӯли беш аз 30 сол андӯхта ва ҷустуҷӯҳои пурмаҳсули илмии эшон мебошад, дар пешрафти афкори адабию эстетикӣ ва адабиёти бадеӣ такони ҷиддӣ дод, саҳифаи тоза ва иқдоми муҳим дар адабиётшиносии муосири тоҷик гардид».

Устод А. Маҳмадаминов, ки аз омӯзгорони собиқадори кишвар ва муаллими фанни назарияи адабиёт дар факултети филологияи тоҷики ДМТ мебошад ва ин фанро солиёни зиёдест тадрис медиҳад, дар ин замина, таҷрибаи кофӣ дорад. Ӯ бо дарки масъулияти устодӣ ва ниёзҳои ҷомеаи муосири донишгоҳӣ, китоби мавриди назарро таълиф ва таҳия карда, ба алоқамандони илми адабиётшиносии тоҷик пешниҳод намуд. Китоби номбурда аз се бахши муҳим фароҳам омадааст, ки он иборат аз барномаи дарсҳои лексионӣ, барномаи дарсҳои амалӣ ва бахши адабиёти зарурӣ, иловагӣ ва осори бадеӣ мебошад.

Муҳтавои дастури таълимии мазкур имкон медиҳад, ки донишҷӯ дар баробари ба даст овардани донишҳои назарӣ, бо намунаҳои беҳтарини осори адабии классикию муосири тоҷик ошно гардад. Ба ибораи дигар, китоби мавриди назар имкон медиҳад, ки донишҷӯ маълумоти назарии дар дарсҳои лексионӣ азхудкардаашро ҳангоми мутолиаи осори бадеӣ таҷриба намояд.

Инчунин, дастури мазкур чандин махсусияти илмию методӣ дорад, ки онҳо на танҳо ба устодони таълимии фанни назарияи адабиёт, балки ба донишҷӯён ҳам барои беҳтару амиқтар аз худ кардани донишҳои назариявии адабиётшиносӣ кумак менамоянд.

*Ш. СОЛЕҲОВ,*
*профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

ЧАШМАНДОЗ



# Маорифи ҷаҳон

**Арабистони Саудӣ**

Дар соли таҳсили 2025-2026 дар ҳама сатҳҳои таҳсилоти Арабистони Саудӣ барномаи миллии омӯзиши зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шуд. Барномаи нави таълим дониши хонандагонро тақвият дода, онҳоро аз хурдсолӣ бо технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ ошно месозад. Мавзуъҳои барномаи мазкур мувофиқи сатҳи таҳсил барои ҳар синф омода шудааст. Инчунин, натиҷаи омӯзиши зеҳни сунъӣ ба низоми баҳогузории миллии хонандагон дохил шуда, ҳамчун барномаи таълимӣ эътироф мешавад.

**Буркина Фасо**

Буркина Фасо яке аз кишварҳои Африқои Ғарбӣ буда, соҳаи маорифаш бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ҳукумати ин кишвар кӯшиш мекунад, ки мушкилоти мавҷударо ҳал намояд. Забони расмии таълим фаронсавӣ буда, беш аз 60 забони маҳаллӣ ва вуҷуд дорад. Кӯдакон дар хона бо забонҳои маҳаллӣ ҳарф мезананд, вале дар мактаб маҷбур мешаванд, бо фаронсавӣ таҳсил намоянд, ки ин омил боиси сатҳи пасти саводнокии хонандагон мегардад. Бинобар ин, дар баъзе минтақаҳо дарсҳо аввал бо забони маҳаллӣ ва батадриҷ бо фаронсавӣ ба роҳ монда мешаванд.

**Камбоҷа**

Дар Камбоҷа мисли аксари кишварҳои ҷаҳон таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба 3 навъ тақсим мешаванд:

– Коллеҷҳои техникӣ ва касбӣ;
– Донишгоҳҳои давлатӣ;
– Донишгоҳҳои хусусӣ.

Дар коллеҷҳо асосан омӯзиши касбӣ ба роҳ монда шуда, мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ, кишоварзӣ, тиҷорат, санъат ва монанди инҳо омода карда мешаванд. Донишгоҳҳои давлатӣ ва хусусӣ маъмулан дар шаҳрҳои калон, ба монанди Пномпенҳ, Сиемреап ва Баттамбанг ҷойгор мебошанд. Донишомӯзон метавонанд дар донишгоҳҳо аз рӯйи зинаҳои бакалавр, магистратура ва докторантура таҳсил намоянд.

**Самоа**

Дар дилхоҳ давлат таҳсил аз кӯдакистонҳо сарчашма мегирад. Кӯдакистонҳои Самоа низ фарҳангу анъанаҳои миллиро аз хурдӣ ба кӯдакон меомӯзонанд. Ғайр аз ин, дар муассисаҳои томактабии ин кишвар ҳафтаҳои фарҳангӣ баргузор мешавад, ки кӯдакон дар якҷоягӣ бо ҳамсолонашон маҳорату малакаи омӯхтаи худро намоиш медиҳанд. Волидон низ дар ин гуна барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ иштирок мекунанд. Ин амал боис мешавад, ки кӯдак аз хурдӣ бо ин муҳит созгор шуда, ташаккул ёбад.

*Таҳияи*
*Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

**10 декабр дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Шурои миллии об баргузор гардид.**

*Чу бад кардӣ, машав эмин зи бадгӯй,*
*Ки бадро кас нахоҳад гуфт некуй!*
*Саъдии Шерозӣ*



САНАД

# ҶАДВАЛИ

## баҳогузории 10-хола ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| Холҳо | Ифодаи фоизи иҷрои супоришҳои таълимӣ | Дараҷаи холгузорӣ | Ифодаи вожагии холгузорӣ |
|---|---|---|---|
| 10 | 91 – 100 | Аъло | Аъло |
| 9 | 81 – 90 | | Олӣ |
| 8 | 71 – 80 | Хуб | Хубтар |
| 7 | 61 – 70 | | Хуб |
| 6 | 51 – 60 | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| 5 | 41 – 50 | | Кофӣ |
| 4 | 31 – 40 | | Кам |
| 3 | 21 – 30 | Ғайриқаноатбахш | Нокифоя |
| 2 | 11 – 20 | | Паст |
| 1 | 1 – 10 | | Пасттар |

КИТОБИ НАВ



## Таҷассуми бунёди иншооти гидроэнергетикӣ дар публитсистика

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар самти бунёди НБО-ҳо дар мамлакат корҳои зиёде анҷом дода шуданд, ки барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадами устувор мебошанд. Бунёди НБО-ҳои «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2» ва бомаром идома доштани корҳо дар НБО-и «Роғун» далели ин гуфтаҳост. Ин ҳама сохтмонҳои азим таваҷҷуҳи адибону публитсистонро ҷалб намуд, ки онҳо бевосита равандi корҳо ва симою заҳмати қаҳрамонони арсаи меҳнатро бо истифода аз жанрҳои публитсистика ба риштаи тасвир кашидаанд. Китоби нави доктори илми филология, профессор Меҳроб Ҷумъаев «Таҷассуми иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар асарҳои публитсистии Ҷамолиддин Тошматов» (– Душанбе: Истеъдод, 2025. – 220 с.) ба ин мавзуъ бахшида шуда, муаллиф бо таҳлилу арзёбӣ маҳорати ҳунариву образофарӣ дар масъалаи тасвири қаҳрамонию шуҷоати коргарон, зина ба зина ҳам симои нависанда ва ҳам образҳои асарҳои публитсистро баҳогузорӣ намудааст. Дар ин китоб ба таври фарогир асарҳои дар ин замина эҷоднамудаи Ҷ. Тошматов ҳам аз нигоҳи услубу забон, ҳам аз нигоҳи офаридани симои қаҳрамонон ва ҳам аз нигоҳи маҳорати нигорандагӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Асари мазкур аз муқаддима, мақолаҳои илмии «Таҷассуми бунёди Нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» дар асарҳои публитсистии Ҷамолиддин Тошматов», «Инъикоси бунёди иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар қиссаи хуҷҷатии «Қаҳрамонони нурофарон», «Сангтӯда» дар эҷодиёти Ҷамолиддин Тошматов» ва «Таърихномаи мухтасари гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон иборат мебошад, ки ба ҳам пайванди мантиқӣ дошта, такмилбахши ҳамдигар мебошанд.

М. Ҷумъаев зимни таҳлилу баррасӣ паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти публитсистро барои хонанда равшан намудааст. Ба таъкиди муаллиф, маҳорати нависанда Ҷалолиддин Тошматов дар эҷоди асарҳо бо дарку тасвири ҷузъиёти ҳаёти қаҳрамонҳо, ки бунёдкорирo пеша намудаанд, иртибот мегирад. Нависанда барои инъикоси матлаб, пеш аз ҳама, ба тасвири манзара ва манзаранигорӣ афзалият додааст.

Аз муҳимтарин иншооте, ки дар замони истиқлол сохта шуд, «Сангтӯда» мебошад, ки ба ин мавзуъ низ нависанда аҳаммияти махсус дода, силсилаи навиштаҳояш дар китоби «Бунёдкорони «Сангтӯда» гирдоварӣ шудааст.

Дар қисмати охири асар дар хусуси таърихи ташаккули сохтмонҳои НБО-ҳо дар Тоҷикистон дар шакли мухтасар маълумот пешниҳод шудааст, ки барои хонанда муфиду судманд мебошад.

Дарвоқеъ, муҳаққиқ М. Ҷумъаев дар таълифи китоби мазкур асарҳои фаровонро мутолиаву муқоиса намуда, заҳмати зиёд кашидааст ва омӯзиши он барои унвонҷӯёну муҳаққиқон ва доираи васеи алоқамандони илм аз фоида холӣ нахоҳад буд.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# Муаммои «Марказ»



**Аз боло ба поён:**
1. «*** ва муҳаббат», асари драмавии адиби немис Фридрих Шиллер. 2. «Зебу зиннат *** ҳаминам, номи ман Зебунисост». 3. Муродифи «фоида», «манфиат». 4. Муқобилмаънои «бохт». 7. Одами маснуӣ. 8. Орзуву ***. 10. Як навъ «техника»-е, ки барои боркашонӣ бештар дар деҳот истифода мебаранд. 11. Миллат. 13. Халиҷ дар ҶИЭ. 14. Истилоҳи илми география. 16. Шакли танҳои вожаи «адолат». 17. Ҷирми осмонӣ.

**Аз чап ба рост:**
1. Исми занона. 3. Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 5. Дарё дар Осиёи Миёна. 6. Як навъ матоъ. 9. Ашёи хониш. 12. *** Поло, сайёҳи машҳур, кошифи навъи бузи кӯҳӣ. 15. Шаҳр дар Ҷумҳурии Қазоқистон. 17. Ҳаммаънои вожаи «меҳвар» 18. «Дасти ***и модар», маҷмуаи ашъори Лоиқ Шералӣ. 19. Рамз дар адабиёт. 20. Истилоҳи илми анатомия.

*Мураттиб*
*Хотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

**Ҷавоби муаммои «Анҷом» («Омӯзгор», №50, 10.12.2025)**
**Аз чап ба рост:**
5. Забон. 6. Артиш. 7. Ҳол. 8. Анҷа. 10. Матн. 12. Санг. 14. «Адиб». 18. Исм. 19. Моҳак. 20. Маҳро.
**Аз боло ба поён:**
1. Забон. 2. Онҳо. 3. Вале. 4. Сифат. 9. Ҷун. 11. Анд. 13. Анҷом. 15. Ибора. 16. Бикр. 17. Аммо.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**
Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0909030, дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2013 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансур ба Эгамбердиев Аслиддин Одилҷонович додааст, эътибор надорад.


ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2026



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта – 184 сомонию 93 дирам

Агар хоҳед, ки дар соли 2026 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264
РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»



Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

**МУАССИС**
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**САРМУҲАРРИР**
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хоҳиши чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ**
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Хотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

**МУХБИРОН**
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Суҳроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 40055 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора Х. Ҳомид